# МОДАР ФАРИШТА БУД...

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 3-4 (145-146) 6-УМИ МАРТИ СОЛИ 2021, ШАНБЕ

## ДАР ИН ШУМОРА:

**ДУ ОЗМУНИ ТАКОНБАХШ** с. 2

**ДУНЁИ РАНГИНУ ЗЕБОИ МОДАР** с. 3

**ПАЁМ – ТАҶАССУМГАРИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ КИШВАР** с. 4-5

**ТАФАККУРИ ҚАҲРАМОНИИ НИЁГОНИ МО** с. 7

**ҶАШН МУБОРАК, МОДАРОН!** с. 8

**ОМӮЗГОРИ АСИЛ ВА МОДАРИ МЕҲРУБОН** с. 9

**ШАРТНОМАИ ФРАНЧАЙЗИНГ** с. 15



Модар сароғози ҳастии башар, офаранда ва идомабахши ҳаёти инсоният мебошад. Замири ӯ аз меҳру муҳаббат ва лутфу меҳрубонӣ сиришта шудааст, ки ин хислатҳои наҷиб модарро мавҷуди бузургу муқаддаси тамоми давру замонҳо гардонидаанд.

Модар чунон дили пур аз меҳр дорад, ки дар бисёр ҳолатҳо бо меҳрубониву бахшояндагии хосси худаш аз гуноҳи фарзанд мегузарад ва ӯро мебахшад.

Модар барои фарзанд дарҳои илму маърифатро боз мекунад, яъне аввалин омӯзгори фарзанд мебошад, ба хотири орому осуда ва пояндаву устувор нигоҳ доштани оила, ҷомеа ва давлат беминнат талош меварзад. Аз ин рӯ, модар барои фарзанд ҳам умеду орзу, ҳам қалбу рӯҳ, ҳам дармони ҷисму ҷон, яъне меҳрубонтарину ғамхортарин ва муқаддастарин шахс мебошад.

Занону бонувони тоҷик бо сабру таҳаммул, иффату порсоӣ, меҳру садоқат ва гузашта аз ин, бо кору пайкори созанда ва заҳмати софдилона номи Зан-Модарро маҳбуби қалбҳо гардонидаанд.

Мо ба ҳунару истеъдод, кӯшишу ғайрат, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорату кордонии модарону бонувони азизамон таҳсин хонда, бовар дорем, ки онҳо дар оянда низ дар татбиқи сиёсати давлат ва Ҳукумати кишвар, пешрафти ҷомеа ва ободии Ватани маҳбубамон нақши шоистаи худро мегузоранд.

Эмомалӣ РАҲМОН

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.**
Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.**
академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Насриддинзода Э.С.**
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# ДУ ОЗМУНИ ТАКОНБАХШ

Дар асоси амри Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) ва ҷиҳати рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо намудан ба техникаву технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин дарёфти истеъдодҳои нав дар ин самт, ҳамасола озмуни ҷумҳуриявии «ИЛМ-ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ» баргузор карда мешавад.

Инчунин дар асоси амри Пешвои миллат ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 озмуни ҷумҳуриявии «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ» баргузор карда мешавад.

Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо, ходимони илмӣ), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун (омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар) доир мегардад.

# ЗАРУРАТИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ







Таърихи 19-уми феврали соли 2021 бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.

Семинарро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ифтитоҳ намуда, барои баргузории чунин семинари илмӣ-назариявӣ, ки метавонад дар тақвияти донишҳои устодони ҷавон таъсиргузор бошад, изҳори сипос намуданд. Ҳамчунин мавсуф андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои мубрами соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ иброз доштанд. Қайд гардид, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмии устодон ба тарзи мушаххас пешниҳод гарданд ва имкон дорад, ки ҳангоми қабули Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав ба инобат гирифта шаванд.

Дар ҷараёни семинари илмӣ-назариявӣ устодони кафедра вобаста ба масъалаҳои гуногуни соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ маърӯзаҳо пешниҳод намуданд. Аз ҷумла: ассистенти кафедра Раҳмонзода М.Ҷ. дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ»; ассистенти кафедра Шарипов М.М. дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ»; ассистенти кафедра Амиров А. дар мавзӯи «Амали қонуни ҷиноятӣ дар макон»; ассистенти кафедра Сайфуллозода У.А. дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гирифтани пора»; ассистенти кафедра Мирзоев Қ.Х. дар мавзӯи «Фарқияти ҷинояти ғоратгарӣ аз дигар таркибҳои ба он монанд»; ассистенти кафедра Абдуллозода Б.В. дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об» баромад намуда, фикру ақидаҳои ҷолибро оид ба назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ вобаста ба мавзӯъҳои матраҳшаванда изҳор намуданд.

Дар охир, иштирокчиён аз ҷараёни чорабинии мазкур таассуроти мусбат бардошта, баргузории чунин семинарҳои илмиро иқдоми неке баҳри рушд ва такмили донишҳои олимони ҷавон арзёбӣ намуданд.

**Таҳияи**
**Эмомалӣ Миралӣ**

# РУШДИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ





Санаи 26-уми феврали соли 2021 бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари илмӣ-назариявӣ баргузор гардид.

Дар кори он роҳбарияти Донишгоҳ ва факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандони факултет, олимону донишмандони соҳа, аспирантону унвонҷӯён, магистрҳо, ҳамчунин намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар иштирок доштанд.

Зимни ифтитоҳи семинари мазкур сараввал декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ба муҳиммият ва аҳаммияти мавзӯи ҳаммоиши илмӣ ишора намуда, андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои мубрами баррасишаванда иброз доштанд.

Сипас, аз рӯи барнома маърӯзаҳои устодони кафедра шунида шуданд. Маърӯзачиён зимни баромадҳои худ ба аҳаммият, хусусият ва дигар масъалаҳои матраҳшаванда андешаронӣ намуда, ҳамчунин вобаста ба дурнамои он низ ибрози назар намуданд.

Дар фарҷоми семинари илмӣ-назариявӣ аз ҷониби иштирокдорон як силсила хулоса, таклифу тавсияҳои судманди илмӣ вобаста масъалаҳои гуногуни баррасишаванда пешниҳод шуданд. Изҳори умед карда шуд, ки натиҷаҳои ин семинари илмӣ барои такмили низоми ҳуқуқии кишвар аз ҳар ҷиҳат муфид ва самарабахш хоҳад буд.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИР**

**МОДАР АЗИЗТАРИН ВУҶУДИ РӮИ ЗАМИН МЕБОШАД ВА ЗИНДАГӢ АЗ НАФАСИ ГАРМУ ДИЛНАВОЗИ Ӯ ОҒОЗ МЕГИРАД.**
**Эмомалӣ Раҳмон**

# МОДАР – ГАВҲАРИ НОЁБ

Бузургии зан-модар дар он таҷассум меёбад, ки ӯ посдори забон ва таърихи фарҳанги миллӣ мебошад. Агар ободиву суботи ҷомеа аз осоишу оромии ҳар як оила вобаста бошад, пас ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифат ва тандурустии зан-модар вобаста аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши зан-модарро дар ҳаёти имрӯзаву ояндаи башарият нихоят муҳим дониста, зикр кардаанд, ки «бо эътирофи бузургону мутафаккирони олам зан-модар аз ҷумлаи олитарин неъматҳои башарӣ ва идомадиҳандаи ҳаёт дар рӯйи замин мебошад». Зан-модар оинаи беғубор, инъикоси симои зоҳирӣ ва ботинии ҳар давлату миллат аст, сатҳи хираду маърифати миллату давлатро таҷассум менамояд. Тарбияи насли наврасу имрӯза пойдевори ояндаи ҷамъияти мо мебошад ва дар тарбияи насли наврас ҳиссаи модаронамон хело калон аст. Ҳама заҳмату хизматҳои модаронро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 6-уми марти соли 2009 8 мартро Рӯзи модарон эълон карда, иброз доштанд, ки: «Модар азизтарин вуҷуди рӯйи замин мебошад ва зиндагӣ аз нафаси гарму дилнавози ӯ оғоз мегардад. Зан-модар сарчашмаи меҳру вафо, олиҳаи зебой, рамзи ишқи ҷовидонӣ, нахустин мураббӣ ва муаллими фарзанд мебошад». Модар ба монанди Каъба дар хонадони ҳар фарзанд муаззам аст. Баробари эҳтиром намудани он фарзанд саодатманди ду дунё мегардад. Инсоне, ки ҳар корашро бо дуои модар оғоз мекунад, кори ӯ бомуваффақият ба анҷом мерасад. Моро мебояд ҳамеша нисбати модарони хеш муҳаббати қадршиносӣ дошта бошем, ҳар субҳу шом дастони пурэъҷози ӯро бибусем, дуои неки ӯро барои фардои дурахшонамон бигирем.





**Наргис ХОҶАЕВА**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**




# БА МОДАР
## АРҶ БОЯД ГУЗОШТ!

Модарону бонувон олиҳаи ҳусну ҷамол ва камоли инсон дар рӯи заминанд. Онҳо ҷавҳари ҳастии банни башар буда, тамоми дастовардҳои моддию маънавии ҷомеаи инсонӣ, ки дар тӯли асрҳо эҷод ва офарида шудаанд, маҳсули дастони гарму нарми модарони сайёраанд. Онҳоро бе ягон шакку шубҳа ва ё гумоне метавон фариштаи замин номид, зеро чун онҳо касе моро дӯст нахоҳад дошт, мисли онҳо меҳрубон ва ғамхору ҷонфидо дар ду ҷаҳон наметавон ёфт. Дар ситоиши бузургии модарону бонувон ва занон то имрӯз ҳар кас ба қадри тавони худ дурри маънӣ гуфтаву суфта аст.

**Оре, модарон арзандаи ҳама гуна тавсифу тасвири баланданд.**



**Сафаргул ШОҚУЛОВА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

**Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,**
**Фатҳу кушоиш орад, дасти дуои модар.**
**Бишнид гар садоям дунёи сахтгӯшон,**
**Ангезаест шояд аз аллаҳои модар.**

# ДУНЁИ РАНГИНУ ЗЕБОИ МОДАР

Зан-модар шахси муқаддас аст. Вақте ки симои ӯ пеши назар меояд, аз чашмони ӯ, аз тамоми ҳастии вай нур меборад. Ин нур роҳи ояндаи ҳаётамонро равшан месозад. Меҳри беҳамтои модар ба мисли хуршеди олам аст, ки ба тамоми олам саховатмандона нур мепошад, ишқи поки модар ба мисоли чашмаҳои пурҷӯшест, ки дашту биёбонро гулистон мекунад. Ширинтарину гуворотарин ва азизтарин сухан ин модар мебошад. Модар дар ҳама ҳолат чи ҳозиру ғоиб пайваста дар ёди фарзанд аст. Оромиву сиҳатӣ ва хушгуфтории фарзандро дида меболад. Аҷаб дунёи рангину зебо дорад модар. Зан беҳтарин муъҷизаи парвардигор аст. Худованд ба зан зебой, иффат, дилрабоӣ, шуҷоат, садоқату ҳунармандӣ, меҳру муҳаббат, наслофарӣ ва фариштахӯиро эҳдо кардааст. Дар хонадоне, ки аз меҳру навозиш ва файзу нусрати зан баҳравар нестанд, он ҷо баракат нест. Охир беҳуда нагуфтаанд: **«САОДАТИ ЗИНДАГӢ ДАР КАЛИМАИ ЗАН НУҲУФТААСТ»**



Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз инсонро дар лобалои ҳама тазодҳои зиндагӣ ба фазлу муҳаббат мисли модар ҳидоят карда наметавонад. Ва ба ҳамин маънӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар воҳӯрӣ бо занони фаъоли мамлакат иброз дошта буданд: «Ҷомеае, ки ба зан модар ғамхорӣ менамояд, ба ояндаи худаш ғамхорӣ мекунад. Давлате, ки нисбат ба модар ин сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли инсон бепарво бошад, ояндаи худро аз даст медиҳад».



**Наргис ОХУНОВА**
**мудири кабинети кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

Занони дар мақомоти қудратии кишвар фаъолияткунанда бори дигар собит сохтаанд, ки аз мардон ҳеҷ камие надоранд. Умуман барои ба ҳаёти ҷамъиятӣ пайвастани занон аз рӯзҳои аввали таъсисёбии ҶТ тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст.

**Маҳз зан аст, ки дар ҳар як хонадон нуру сафо, аҳду вафо, хайру сахо, меҳру муҳаббат, дӯстиву садоқат ва бахту саодат тантана менамояд.**

**Аз модари худ дуо талаб дорам ман,**
**Зеро, ки ӯро фаришта пиндорам ман.**
**Файзе, ки дуои модарам меорад,**
**Беҳтар зи ҳама ганҷи ҷаҳон дорам ман.**

**ТОРУ ПУДИ МОДАРРО АЗ МЕҲРУБОНӢ БОФТААНД.**
**Ролф Волду Амрсон**

# ПАЁМ – ТАҶАССУМГАРИ СИЁСАТИ



**Маҳмадёр РАҶАБЗОДА**
**ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

## ПАЁМ АСОСИ РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 январи соли 2021 ироа шуд, ки дар он вазъи кунунии сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор гирифта, як қатор нуктаҳо ва пешниҳодҳо таваҷҷуҳ ва иброз шудаанд, ки асос барои рушди ҷомеа ва таҳкими истиқлолияту давлатдории миллӣ мебошанд. Дар Паём, соли 2020, соли вазнин на танҳо барои кишвари Тоҷикистон, балки барои сайёра зикр шудааст, ки ин ҳақиқати бебаҳс мебошад, зеро паҳншавии беморӣ сироятии коронавирус дар ҷаҳони муосир таконеро ба вуҷуд овард, ки кишварҳои бузургу хурд гирифтори буҳрони шадиди иқтисодиву сиёсӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ гаштаанд. Аз таъсири манфии COVID-19, ҷомеаи ҷаҳон ва кишвари Тоҷикистон берун намондаанд. Чунончи, тибқи иттилои Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар ҷаҳон ҳудуди беш аз 102 млн. 200 ҳазор нафар гирифтори коронавирус шудааст, ки беш аз 2 млн. 204 ҳазор нафар бемор қурбони ин маризӣ шудааст.

## СОЛИ МУБОРИЗАВУ КОМЁБИҲО

Тибқи иттилои Вазорати тандурустии кишвар дар Тоҷикистон 13308 нафар гирифтори COVID-19 шуда буд, ки 13218 нафар ё 99,3 фоиз шифо ёфтаанд ва 90 нафар бар асари ин беморӣ фавтидаанд. Баъдан, бемории коронавирус ба низоми иқтисодӣ, низоми бонкӣ, робитаҳои байналмилалӣ, ҷалби сармоя ва ғайра таъсири манфӣ гузошт, чунончи тибқи омори Бонки миллии кишвар дар соли 2019 муҳоҷирони меҳнатӣ 2,7 миллиард доллари ИМА интиқол додаанд, вале соли 2020 1 миллиарду 224 миллион доллари ИМА, ки дар қиёс бо соли 2019 37 фисад кам аст. Ҳудуди беш аз 200 ҳазор муҳоҷири меҳнатии тоҷик бо сабаби баста шудани роҳҳо ба муҳоҷират рафта натавонистаанд.




## МУШКИЛӢ АЗ САРИ МИЛЛАТ ДУР ШУД

Воқеан, COVID-19 ба низоми иқтисодӣ, низоми бонкӣ, ҷалби сармоягузорӣ, низоми андоз, раванди таълиму тарбия, тандурустӣ, робитаҳои кишвар таъсири манфӣ гузошт, вале Ҳукумати кишвар бо роҳбарии Пешвои миллат ин санҷиши навбатиро гузаштаанд ва барои ба ин санҷиш баромадан давлати Тоҷикистонро зарур омад, ки дар соҳаи тандурустӣ барои хариди доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ, бунёди беморхонаҳои муваққатӣ ва дастгирии кормандони тиббӣ аз буҷети давлат 1 миллиарду 600 миллион сомонӣ маблағҳои иловагӣ равона сохта, танҳо барои табобати пурра ва саривақтии шахсони гирифтори бемории коронавирус беш аз 30 беморхона бо 700 кат ва 5400 нафар табибону кормандони тиббӣ сафарбар гардидаанд ва иловатан дар 92 муассисаи тиббӣ бо 16 ҳазор кат омода карда шуд. Дар баробари ин, дар ҷаҳон Тоҷикистон шояд ягона кишваре бошад, ки дар чунин вазъи буҳронӣ аз 1 сентябри соли 2020 нафақа, музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва стипендияҳоро 15 фоиз, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбиро 10 фоиз ва нафақаи гурӯҳи маъюбоне, ки ба нигоҳубин ниёз доранд 50 фоиз зиёд кардааст.

## КОМЁБИҲОИ СОЛИ 2020




Дар баробари ин, ду ҷашни бузург, ки бо қарори ЮНЕСКО – 5500-солагии Саразми бостон ва 700-солагии Камоли Хуҷандӣ дар Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил гардидаанд, ки ифтихор ва муаррифигари ин миллати тамаддунофару соҳибтаърих аст. Дар фазои сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ду ҷорабинии муҳимми сиёсӣ – интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин ҷорабиниҳои сиёсӣ баҳои баланд дода, ба ҷомеаи демократии Тоҷикистон арҷ гузоштанд.




## ТАЪМИНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ



Дар Паём чор ҳадафи стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди босуръати саноатикунонии кишвар таваҷҷуҳ шудааст.

Дар бахши таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар ва рушди он дар Паём зикр шудааст, ки Ҳукумат дар замони истиқлолият 34 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 57,2 миллиард сомонӣ амалӣ кардааст ва айни ҳол боз 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 16,4 миллиард сомониро татбиқ намуда истодааст. Дар замони истиқлолият ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ аз 17 миллиард киловатт-соати соли 1991 ба 21 миллиард киловатт-соат афзоиш дода шудааст, нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд», «Қайроқум» таҷдид шудаанд, бунёди нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» дар ноҳияи Роштқалъа оғоз шуд, сохтмони хатҳои интиқоли барқи 500-килловолта ва зеристгоҳҳо дар доираи лоиҳаи «КАСА-1000» идома дорад ва дигар тадбирҳо андешида шуда истодааст, вале таъмини доимии устувори нерӯи барқ бо як қатор масъалаҳои ҳалталаб вуҷуд дорад, ки яке аз онҳо истифодаи самараноку сарфакоронаи барқ аст. Афзоиши аҳолӣ, корхонаҳои саноатӣ (дар соли 1991 – 358 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст, соли 2020 – 2274 корхонаи саноатӣ), муассисаю ташкилотҳои хусусию давлатӣ ва ғайра талаботро ба нерӯи барқ даҳчанд намудаанд, баъдан истеҳсоли нерӯи барқи «сабз» дар Тоҷикистон вобастагии ногусастанӣ бо «табъу нозу» табиат, яъне гармию сардӣ дорад. Воқеан, бе таъмини истиқлоли энергетикӣ, истиқлолияти иқтисодӣ ва сиёсӣ комил намегардад. Бо чунин дарк, Ҳукумати кишвар тамоми тадбирҳоро андешида истодааст, ки таъмини доимию устувори нерӯи барқ ҳукмфармо бошад.

## БАРОМАДАН АЗ БУНБАСТИ КОММУНИКАТСИОНӢ

Ҳадафи дуюми стратегии давлат – баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад, ки дар Паём ҳамаҷониба баррасӣ шудааст ва дар он қайд мешавад, ки дар ин бахш дар замони истиқлолият 53 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи 20,3 миллиард сомонӣ амалӣ карда шудааст, ки дар натиҷа беш аз 2200 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ бунёд ва ба истифода дода шудаанд ва дар солҳои наздик таҷдид ва бунёди боз 1500 километр роҳҳои байналмилалӣ дар нақша аст. Ниҳодҳои масъул уҳдадор карда шудаанд, ки



лоиҳаҳои сармоягузории соҳаро бо истифодаи технологияи муосир таъмин намоянд ва дар ташкили долонҳои нақлиётӣ транзитӣ, бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ ва масоили баромад ба бандарҳои баҳрӣ тадбирҳо андешанд. Дар замони истиқлолият шоҳроҳҳои Душанбе-Бохтар, Кӯлоб-Шамсиддин Шоҳин, Кӯлоб-Қалъаи хумб, Кӯлоб-Муминобод ва ғайра сохта шуда, мавриди истифода қарор дода шудаанд, ки имрӯз бо воситаи ин шоҳроҳҳо рафту омад байни шаҳру ноҳияҳои кишвар ва бо кишварҳои Афғонистон, Чин, Ӯзбекистон ва Қирғизистон ба роҳ монда шудааст.

**ҲЕҶ ГОҲ ДАР ЗИНДАГӢ НАМЕТАВОНЕД МУҲАББАТЕРО БЕҲТАР, ХУБТАР ВА ВОҚЕИТАР АЗ МУҲАББАТИ МОДАРИ ХУД ЁБЕД.**
*Ҳоноре де Балзак*

# ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ КИШВАР

## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ КИШВАР

Ҳадафи дигари стратегии давлат – таъмини амнияти озуқавории кишвар мебошад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар замони истиқлолият 5 баробар афзоиш дода шудааст, аз ҷумла истеҳсоли ғалладонагиҳо 5 баробар, картошка 7,7 баробар, сабзавоту зироатҳои полезӣ 4, мева 3 ва кишти майдони боғу токзор 2,2 баробар зиёд карда шудааст. Таваҷҷуҳи хосса ба соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ, боғпарварӣ, токдорӣ ва дар маҷмӯъ ба кишоварзӣ бахри таъмини амнияти озуқаворӣ карда шудааст, ки дар умум дар ин бахш 22 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар



ҳаҷми беш аз 5,4 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ татбиқ шудааст. Айни ҳол дар кишвар 7 лоиҳа бо маблағи 2,4 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст. Дар замони истиқлолият дар кишвар беш аз 112 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд гардидааст, ки давра ба давра дар таъмини амнияти озуқавории кишвар нақши назаррасро доро мебошанд. Баъдан, Пешвои миллат дар Паёми худ пешниҳод карданд, ки бахри дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ тамоми кишоварзони кишвар дар соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд ва истифодаи оқилонаи заминро ба роҳ монанду гирифтани се ҳосилро дар соли 2021 таъмин намоянд.

## САЙЁҲӢ

Яке аз соҳаҳое, ки ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд ин бахши сайёҳӣ мебошад, ки ин масъала дар Паём ҳамаҷониба таваҷҷӯҳ шудааст ва имрӯз беш аз 224 ширкат ба бозори сайёҳӣ ворид гардидааст ва дар соли 2019 ба Тоҷикистон 1 миллиону 260 ҳазор сайёҳон ташриф оварда будаанд, ки ин нишондод сатҳи ниҳоӣ намебошад. Бо чунин назардошт, Пешвои миллат, Ҳукумати кишвар ва дигар сохторҳоро уҳдадор намуд, ки ба рушди деҳот ва хизматрасониҳо дар бахши сайёҳӣ таваҷҷуҳ намоянд, зеро, Тоҷикистон ба қатори даҳ кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, ба даҳгонаи кишварҳои



бехтарини сайёҳии пиёдагардӣ, ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи низоми соддаи пешниҳоди раводид ва шоҳроҳи Помир ба даҳ роҳи зеботарини дунё шомил шуда, пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ба даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амният пазируфта шудааст.

## САНОАТИКУНОНӢ

Саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегии миллӣ аст, ки дар ин бахш вазорату идораҳои марбута муваззаф шуданд, ки ба рушди саноати дорусозӣ, мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворӣ, коркарди захираҳои маъданиву ғайримаъданӣ, вориди технологияи нав, бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металҳои ранга ва қимматбаҳо тадбирҳо андешанд, инчунин Барномаи давлатии рушди геологияро барои солҳои 2021-2030 таҳия ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд, зеро дар Тоҷикистон беш аз 60 кон ва 800 зуҳурот кашф ва омӯхта



шудааст, ки дорои зиёда аз 60 навъи ашёи хоми маъданиву ғайримаъданӣ мебошад, вале то имрӯз 27 фоизи онҳо истихроҷ ва коркард шудааст, ки чунин ҳолат барои расидан ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар қонеъкунанда нест.



## ИЛМУ МАОРИФ

Илму маориф ҳамеша дар меҳвари сиёсати давлати Тоҷикистон қарор дорад ва бахри беҳтар кардани сифати таълим дар замони истиқлолият ба истифода 3020 иншооти соҳаи маориф бо 1 миллиону 300 ҳазор ҷойи нишаст дода шуд ва муассисаҳои муосир – мактабҳои президентӣ ва литсею гимназияҳо таъсис дода шудаанд. Теъдоди муассисаҳои олии кишвар дар замони истиқлолият аз 13 ба 41 ва шумораи донишҷӯён аз 69000 нафар ба 245 ҳазор нафар расид. Дар Паём масоили беҳтар намудани сифати таълим дар бахши фанҳои табиӣ дар таҳия нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2021-2025 ҷиҳати татбиқи Барномаи «Солҳои омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф барои солҳои 2020-2040» аз ҷониби Ҳукумати кишвар зикр шудааст ва тадбирҳои фаврӣ андешидани сохторҳои масъул ҷиҳати таҷҳизонидани кабинети фанҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ мебошад.Дар Паём бахри омӯзиш ва рушди илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҳамасола ташкил намудани озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» бо ҷалби наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон масъалагузорӣ карда шуда, ба ниҳодҳои мутассадӣ супориш дода шуд, ки барои ба хориҷи кишвар фиристодани ҷавононе боистеъдоду лаёқатманд аз рӯи равияи илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ «Барномаи тайёр кардани кадрҳои ҷавони илмӣ барои солҳои 2021-2030»-ро таҳия намоянду дар мӯҳлати се моҳ ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд. Дар Паём масъалаи омӯзиши забонҳои давлатӣ, русӣ, англисӣ, технологияҳои иттилоотӣ, таърихи халқи тоҷик ва географияи Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи хосса карда шудааст ва аз 1 сентябри соли 2021 ба андозаи 30 фоиз зиёд кардани стипендияи донишҷӯёну магистрҳо ва аспирантону докторантҳо пешниҳод гардидааст.

## БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ

Дар Паём таъсис додани ниҳоди «Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон», таҳия ва қабули ду Барномаҳои давлатӣ: «Барномаи давлатии рушди соҳаи геология барои солҳои 2021-2030», «Барномаи тайёр кардани кадрҳои ҷавони илмӣ барои солҳои 2021-2030», ду Стратегия: «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025» ва як қатор нақшаю чорабиниҳо оид ба татбиқи барномаю стратегияҳо, аз ҷумла, Нақша-чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 ҷиҳати татбиқи муқаррароти «Барномаи давлатии омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» ва Нақша-чорабиниҳо барои солҳои 2021-2025 ҷиҳати амалисозии «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва ғайра баррасӣ шудааст.

## СИЁСАТИ ХОРИҶИИ КИШВАР

Дар Паём самтҳои сиёсати хориҷии кишвар таҳлилу баррасӣ шудааст, махсусан зикр мегардад, ки дар «даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо 178 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ баркарор карда, узви фаъоли созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ гардидааст». Ин неъмати илоҳӣ – Истиқлолият на ҳар як халқу миллатро дар таърихи мавҷудияташ насиб шудааст. Ин нукта аз ҳар як фарди кишвар тақозо менамояд, ки шукру арҷ гузоштан ба истиқлолият чун қарзи имонию шаҳравандӣ пазирой намоянд. Муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, ИДМ ва дар сарҳати авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар, таҳкиму густариш ва ҳамкориҳо ҳамеша бо шарикони стратегӣ – Руссия, Чин, ИМА ва Иттиҳоди Аврупо қарор дорад. Дар ин радиф ҳамкорию муносибати дӯстонаро Тоҷикистон бо ҷаҳони ислом, Ховари Миёна, Осиёи Ҷанубӣ, Ҷанубу Шарқӣ, Укёнуси Ором, Африқову Амрико таквият мебахшад. Ҳамкориҳои кишвар бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо СММ, муассисаҳои махсусгардонидашудаи СММ, СҲШ, СААД, САҲА, СҲИ, Созмони ҳамкории исломӣ ва ғайра дар сатҳи баланд густариш дода шудааст. Дар соли 2021 Тоҷикистон раёсатро дар сохторҳои бонуфузи минтақавӣ – Созмони Ҳамкории Шанхай ва Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ба уҳда дорад. Воқеан, Тоҷикистон дар даврони истиқлолият бо сарварии Пешвои миллат ба ҳайси кишвари пешбар дар арсаи байналмилалӣ дар ҳалли масоили мубрами амниятӣ, обу экология ва тағйирёбии иқлим эътироф гардидааст.

Дар Паём, Пешвои муаззами миллат ҳар як фарди кишварро даъват намудаанд, ки дар ободии мулки аҷдодии хеш саҳмгузор бошем ва бо мақсади сазовор ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ бояд фаъол, ташаббускор, ташкилотчӣ, ватандӯст, иттиҳоду сарҷамъ ва дар паҳлуи якдигару дастгири ҳамдигар бошем, то ин гавҳари бебаҳо – истиқлолу озодиро ҳимоя карда тавонем.

**МОДАРОН ҲАМЕША МЕБАХШАНД ВА ГӮЁ БАРОИ ҲАМИН БА ДУНЁ ОМАДААНД.**

А. Дюма

# ХУШХАБАР





Мояи ифтихор ва сарфарозист, ки теъдоди устодони унвондор дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар ҳоли рушду инкишоф қарор дорад. Онҳо бо дарки масъулияти баланди касбӣ рисолаҳои илмии худро сарбаландона ҳимоя намуда, хазинаи илмии мамлакатро пурғановат менамоянд. Башорати ин гуфтаҳо санаи 26-уми феврали соли 2021 ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода Анвар Ислом бомуваффақият ҳимоя намуд.

Аз ин рӯ, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Раҳмонзода М.Ҷ.-ро бо ин дастоварди бузургаш дар соҳаи илм самимона табрик намуда, ба эшон фатҳи қуллаҳои баланди илмиву эҷодиро таманно менамоянд.



## ВИДЕОКОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

25 феврали соли 2021 дар биноги асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон видеоконференсияи байналмилалӣ баргузор гардид, ки онро Институти байналмилалии мониторинги рушди демократия, парламентаризм ва риояи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандони кишварҳои узви ИДМ дар мавзӯи “Интихоботи демократӣ ва интихоботи озод дар ҷамеаи иттилоот” ташкил намуда буд.

Дар оғоз ректори ДМТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ. Х. дар робита ба муҳиммияти мавзӯи ҳамоиши онлайнӣ суханронӣ намуд. Сипас, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Сафарзода Б.А. дар мавзӯи “Таҳлили муқоисавии стандартҳои интихоботӣ”, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Диноршоҳ А. М. дар мавзӯи “Баҳсҳои интихоботӣ ҳамчун як навъи баҳсҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ” ва мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи муқоисавӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Саъдизода Ҷ. дар мавзӯи “Мазмун ва моҳияти принсипи овоздиҳии пинҳонӣ дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” маърӯза намуданд.

Дар видеоконференсия олимон ва мутахассисон аз Федератсияи Русия, Ҷумҳуриҳои Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Чин ширкат намуданд.

Дар охир, вобаста ба мавзӯъҳои баррасишуда миёни иштирокчиён мубоҳиса сурат гирифт.





## МОДАР

Модар сириштаест, ки аз ҳур бартар аст,
Аз хоки содаест, ки аз нур беҳтар аст.
Гар як тарона гуфт в-агар омиёна гуфт,
Онро барои гӯши башар ҷовидона гуфт.
Ҳамтои шеъри аллаи ӯ шоире нагуфт,
Дурре ба пои аллаи ӯ шоире нахуфт.
Андар ризои ӯст, ки олам мунаввар аст,
Дасти дуои ӯст, ки чун Ҳаҷҷи акбар аст.
Андар машоми ҳар нафаре мушк бӯйи ӯст,
Акси нахуст хотираи чашм – рӯи ӯст.
Дар осмони хотира атфол ҷилвагар,
Як моҳу ду ситораи рахшанда то саҳар.
Гуфтам фариштарост? Зарифе ба ханда гуфт:
-Бигзар аз ин қиёс, ки ҳарфест саҳлу муфт.
Афришта пок, лек на бо меҳри модар аст,
Оне ки бартар аст, ҳамоно ки Модар аст.

**Изатманд САЛОМИЁН**

Ман тавонам сурати Модар кашам,
Сурати Модар ба хатти зар кашам.
Ман тавонам чашму рӯву мӯйи ӯ,
Бо ҳазорон ранг зеботар кашам.
Лек ҳайронам, ки меҳри модарӣ,
Ман чӣ сон бар саҳфаи дафтар кашам,
Пас шабоҳат дорад ӯ бо нури меҳр,
Ман варо бо шуълаи ховар кашам.

**Абдураҳмони ҶОМӢ**

ЗАН ЯГОНА ВУҶУДЕ АСТ, КИ ҲАҚИҚАТИ ИШҚИ ПОКРО МЕШИНОСАД.
Шиллер

# ТАФАККУРИ ҚАҲРАМОНИИ НИЁГОНИ МО

Боиси хушнудӣ ва дастгирист, ки баъди бадастории истиқлолияти ҶТ нақши панду ҳикмати бузургони гузаштаамон нисбати таълиму тарбияи насли наврас, аз он ҷумла ҷавононе, ки дар риштаи варзиш машқ меварзанд, мавқеи худро мустаҳкам намуд. Таҳлили ашъори ниёгони мо нишон медиҳад, ки дар эҷодиёти онҳо нисбати таълиму тарбияи омма, аз он ҷумла ҷавонон ҷои босазоеро ишғол менамояд. Истифодабарии панду насиҳатҳои онҳо дар рафти омӯзиши донишҷӯён ва варзишгарон аз аҳаммият холӣ нест. Дар ашъори Восифӣ нисбати варзиш ва тарбия намудани варзишгарон суханҳои хубе гуфта шудааст. Масалан, ӯ дар яке аз ҳикоятҳои худ мегӯяд:

**“Ду паҳлавон, яке Муфрид дигаре Ҳайдар бо ҳам меҷанганд. Дар вақти ҷанг Муфрид пешдастӣ карда, чубдасте ба китфи Ҳайдар мезанад, ки дасти ӯ аз кор мебарояд ва маҷоли он намемонад. Муфрид боз чор чӯби дигар ба тани Ҳайдар зад, вале Ҳайдар чунон рост истода буд, ки гӯё фулодин аст». Муфрид чӯби шашумро бардошта, бар фарқи сари Ҳайдар рост овард. Султон, ки ин лаҳзаҳоро тамошо мекард, Мулоҳиза кард, ки агар ин чӯб ба Ҳайдар расад, аз ҳастии ӯ ному нишон нахоҳад монд ва бинобар ин, овоз баланд карда гуфт:**

**–Ой Муфрид! Ин чӯбро ба вай назан! Муфрид дар вақти фаровардани он чӯб ин нидоро шунид ва чарх зада, он чӯбро бар танаи дарахти чаноре, ки дар он ҷо буд, фуруд овард. Султон Муфидро пеши худ талабид ва аз вай пурсид: Дар ҳаққи Ҳайдар чӣ мегӯи?**

**Муфрид гуфт: Шоҳо, инсоф он аст, ки яке аз он панҷ чӯб, ки ба Ҳайдар задам, агар ба ман мерасид, чунон мағалтидам, ки то рӯзи қиёмат бар намехестам. Ҳайдар паҳлавони ҷаҳонист. Ин сухан ба подшоҳ хуш омад ва ба Муфрид чор қабат либоси қиматбаҳо бо панҷ ҳазор танга ва ба Ҳайдар мисли он инъом намуд”.**

Чи хеле ки ба мо аз ҳикоя маълум шуд, ҳанӯз садҳо сол қабл мардум ба варзиш аҳаммияти ҷиддӣ дода, бисёрии онҳо варзишгари касбӣ мешуданд, ки ин воситаи рӯзгузаронӣ низ буд.

Дар вақти таҳлили эҷодиёти Восифӣ кас баръало пай мебарад, ки он дастурамалҳое, ки нисбати варзиш боқӣ мондааст, то ба имрӯз аҳаммияти тарбиявию варзишии худро гум накардааст ва аз ин панду ҳикматҳои ӯ дар машғулиятҳо ва тамринҳо истифода метавон кард.

Алалхусус, аҳаммияти гӯштиро дар баланд бардоштани сифатҳои варзишгар чусту чолокӣ, тоқатоварӣ, зиёд намудани қувва ва нотарс будан равшан нишон додааст.

Восифӣ дар эҷодиёти худ намудҳои зерини варзишро таҷассум кардааст: шотранҷ- (шоҳмот), аспдавонӣ, усули сари панҷа, оббозӣ, роҳгардӣ, гӯштӣ ва дигар намудҳо.

Дар эҷодиёти бузургони форсу тоҷик мавзӯи варзиш на танҳо барои баланд бардоштани натиҷаҳои варзишӣ, балки барои сиҳатии омма ва тарбияи маънавии онҳо равона шудааст.

Восифӣ дар эҷодиёти нисбати варзиш офаридааш нишон додааст, ки варзишгарон ҳамеша нисбати мардум хайрхоҳ буда, дастгирӣ ва кумакро ба ҳеҷ ваҷҳ дареғ намедоранд.



Абдулазиз БУХОРИЕВ
устоди кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш

**Ин панду насиҳатҳои ӯ то ба имрӯз дар байни омма қадру қимати худро гум накардааст. Боварии комил дорем, ки ҷавонони мо баъди мутолиаи эҷодиёти Восифӣ як ҷаҳон таассуроти маънавию рӯҳи гирифта, бахри бехбудии кори худ истифода хоҳанд кард.**

# НАҚШИ ЗАНОН ДАР МУБОРИЗА БО АМАЛҲОИ НОМАТЛУБ



Илоҳиҷон НАСРИДДИНОВ
корманди Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Амалҳои номатлуб, аз қабили ифротгароӣ ва терроризм дар солҳои охир оқибатҳои зиёди харобиовар ва талафоти зиёди ҷонӣ аз худ боқӣ гузошт, ки монеаи ташаккул ва рушди ҷомеаи ороми ҷаҳонӣ гардид. Бахусус, Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки узви ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, нисбат ба ин ҳодисаи манфури ҷомеа бетараф нест. Сари ин масъала, ҳамарӯза Ҳукумати кишварамон бо роҳбарии оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чораҳо андешида, онро дар мадди аввал гузошта, сармашқи фаъолияти хеш қарор додаанд.

Бояд қайд кард, ки дар ҷомеаи имрӯза беш аз ҳарвақта хассосу равандҳои дар он гузаранда мушкилу пурпечутоб шуда истодаанд. Дар ин масир, паҳншавии ифротгароӣ ва терроризм дар вақтҳои охир ба як зухуроти ташвишовар мубаддал гашта, кишварҳоро новобаста аз сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангию маънавӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ фаро гирифта истодааст, ки раванди ташвишовари мазкур таъсири манфии худро ба оилаҳо ва тарбияи созгори фарзандон расонида истодааст. Мутаассифона, имрӯзҳо аз ҷониби шахсоне, ки оромиву осудагиро намехоҳанд модаронрону занонро бо ин роҳи номатлуб, яъне экстремизму терроризм гумроҳ намуда истодаанд, зан модар ин офарандаи нотакрори табиат, асоси саодатмандиву шукуфоӣ ва неруи пешбарандаи ҷомеа аст. Саодату сарфарозии мардум аз тинати поку ҳидояти неки модарон ва захмати шоистаи занони сарбаланду нозанини мост. Танҳо зани покгавҳар, нексиришт, ватанпарвар, хушахлоқ ва бомаърифат қодир аст, ки бунёдгари ҷомеаи босаодат бошад.

Дар суханрониҳои худ Пешвои миллат борҳо масъалаи пешгирӣ ва мубориза бар зидди терроризму экстремизм таъкид намудааст. Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ Сарвари давлат таъкид намуданд: «Терроризм ва экстремизми динию мазҳабӣ имрӯз ба як хатари бузурги ҷаҳонӣ табдил ёфта, боиси харобиву куштор ва фирорӣ гардидани одамон шудааст».

Масъалаи ифротгароӣ диққату эътибори доимиро тақозо дорад. Аз ин рӯ, ҳар як зан-модари бедордили тоҷик бояд ба қадри тинҷиву оромӣ ва сулҳу субот бирасад. Вазифаи ҳамаи занон ва модарон аз он иборат аст, ки ҷавонони гумроҳро ба роҳи дуруст ҳидоят намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҷаҳон, ҳаёти бештари занонро вазъияти фоҷиаовар касб кардааст, ки дар он масъалаҳои ифротгароии сиёсӣ ва терроризм, ки бинои ҷомеаи ҷаҳониро ба ларзиш овардааст, дар бар гирифтааст. Мисоли равшани онро дар фазои сиёсии давлатҳои Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ин ҳодисаҳо занони зиёд аз мамолики гуногуни олам, аз ҷумла Тоҷикистон иштирок доранд.

**Занон ба ҳайси қувваи ояндасоз бояд ба муқобили ҳама гуна падидаҳои номатлуби ҷомеа, аз қабили бегонапарастӣ ва дур шудан аз асолати худ, роҳ надодан ба канорагирии иртиҷоӣ ва сиёсӣ, ифротгароии диниву мазҳабӣ, терроризм, шуғл варзидан ба қочоқу истеъмоли маводи мухаддир ва ҷиноятҳои фаромиллӣ мубориза баранд.**




# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ МОДАР



Шоҳрух МИРЗОЕВ
донишҷӯи соли 1

Модар як мафҳуми умумиҷаҳонӣ аст, он ҷони зиндаи дунё, ибтидо ва беохирии он мебошад. Бо он баҳс кардан ғайриимкон аст, ки ин ҷашн ҷашни ҷовидонист. Аз насл ба насл, барои ҳар як шахс, модар муҳимтарин шахс дар ҳаёт аст. Модар шудан, зан беҳтарин хислатҳоро дар худ пайдо мекунад: меҳрубонӣ, муҳаббат, ғамхорӣ, сабр ва фидокорӣ. Таърихи ин ҷашн хеле бой аст ва аз замонҳои қадим бармегардад.

Дар Юнони қадим бахшида ба олиҳаи Гайя ид буд. Тибқи баъзе маълумотҳо, анъанаи таҷлили Рӯзи модарон аз асрори занонаи Рими қадим сар мезанад, ки барои гиромидошти Модарбузург – олиҳа, модари ҳама худоён тарҳрезӣ шудаанд.

Аз соли 1600 сар карда, дар Англия анъанаи таҷлили якшанбеи модарон пайдо шуд. Рӯзи модарон дар ИМА аз соли 1907 ҳар сол дар якшанбеи дуюми моҳи май таҷлил карда мешавад ва аз соли 1914 ин ид расмӣ шуд. Дар Австрия Рӯзи модарон, ба мисли дигар кишварҳо ҳар якшанбеи дуюми моҳи май таҷлил карда мешавад. Дар Арманистони муосир ин ҷашни миллӣ аст, аммо таътили расмӣ нест. Дар ин рӯз мардон ба модарон, ҳамсарон, хоҳарон, дӯстдухтарони маҳбуби худ тухфаҳо месозанд. Дар Финляндия Рӯзи Модар аз соли 1918 ҷашн гирифта мешавад.

Шояд аҷибтарин роҳи таҷлили иди модарон дар Сербия бошад. Зеро, кӯдакон субҳи барвақт модари хуфтаро пинҳон мекунанд ва ӯро мебанданд. Ҳангоми бедор шудан, асир тааҷҷуби фавкулоддаро тасвир мекунад, ки дасту пойи баста дорад. Вай бояд бачаҳоро бо тухфаҳои шом дар зери болишт пинҳонкарда «пардохт» кунад.

Рӯзи модарон дар Ҷопон аз соли 1915 инҷониб ҷашн гирифта мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамасола 8 март ҳамчун рӯзи модар ҷашн гирифта мешавад.

**Ташаккур, ба модарони мо! Ва бигзор фарзандони маҳбуби шумо ҳарҷи зудтар ба ҳар яки шумо суханони гарму ҷӯшон бигӯянд, зеро ҳар қадаре ки мо ба модарони худ суханони хуб ва меҳрубонона гӯем, ҳеҷ гоҳ зиёдатӣ нахоҳанд буд!**

**Инсоният аз лаҳзаҳои нахустини офариниш ҳамеша муҳтоҷ ба касе ва ё чизе будааст. Чунин ниёзмандии инсоният гоҳо дар лаҳзаи таваллуд, гоҳо дар айёми ҷавонӣ, гоҳо дар давраи авҷи камолоти шуҳратмандӣ, гоҳо ҳангоми пирӣ ва дигар шебу фарозҳои зиндагӣ ба вуҷуд меомадааст.**



# ОМӮЗГОРИ АСИЛ ВА МОДАРИ МЕҲРУБОН



Офаридгори меҳрубон ба бандагони худ зиндагӣ ато намуд то бубинад бандагонаш умри додаи ӯро сарфи чӣ амале менамоянд, бо ҳамдигар чӣ тавр муносибат мекунанд, муҳаббати онҳо чӣ гуна аст, барои пешрафти ҷомеа чӣ саҳме мегузоранд. Нафаре, ки айни ҳол васфаш менамоем, ҳамаи ин марҳилаҳоро сипарӣ намуда, аммо ҳеҷ тағйир наёфтааст. Яъне, ӯ зоҳиран ва ботинан як аст. Умри худро баҳри тарбияи насли соҳибилму ватандӯст сарф намуда, муҳаббати самимонаву модаронаи худро ба онҳо дареғ надошта, шуҳраташ дар гӯшаву канори кишвар ва берун аз он паҳн гашта, хоксориаш мавриди омӯзиши ҳазорон нафар қарор гирифта, дуои некаш дастёру мададгори даҳҳо ҳазор нафар шогирдону ҳамкасбон ва наздикону пайвандон гардидааст. Аз ин ҷост, ки шогирдону пайравон ӯро модарвор эҳтиром менамоянду дар ҳаққаш суханони нек мегӯянд ва ҳамеша барои як каф дуо назди модари маънавии хеш меоянд.

**Ин модари меҳрубон ва устоди ғамхор номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Бобоева Низорамоҳ Идиевна ба ҳисоб меравад.**

Бале, Бобоева Низорамоҳ, ки ҳамаро ба мисли фарзандони худ дӯст медорад ва фарзандам гӯён муроҷиат менамояд, имрӯз дар муҳити кории кафедра ва факултет соҳиби мақому мартабаи хеш мебошад. Дар бораи ин зани ҳалиму ширинкалом ҳар қадаре сухан ронем кам аст. Вале, чун модари меҳрубони мо ба синни муборакаи 60 қадам гузоштанд, ба комолоти пирӣ даромаданд ва аз лаҳзаҳои гуворои зиндагӣ дар муҳити мусоиди корӣ ва зиндагии оилавӣ баҳра мебаранд, тасмим гирифтем доир ба ҳаёт ва фаъолияти эшон чанде сухан бигӯем.

**Бобоева Низорамоҳ Идиевна 4-уми марти соли 1961 дар ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Соли 1985 ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1992 хатм намудааст.**



Соли 1992 ба ҳайси мудири кабинети ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба кор шурӯъ кардааст. Соли 2003 ӯ мудири осорхонаи ба номи академик С.А. Раҷабов таъин шуда, ҳамзамон дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултет фаъолият кардааст. Бо таъиноти раёсат соли 2006 ба кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ интиқол шуда, солҳои аввал ассистенти кафедра ва баъдан муаллими калони кафедра кор намудааст.



**Соли 2014 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Таҳаввулоти ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистони таърихӣ (асрҳои IX-XIV)» дифоъ намудааст.**

Соли 2015 ба гирифтани унвони дотсенти кафедра ноил гашта, то кунун дар кафедра кору фаъолият дорад. Собиқаи кории ӯ дар донишгоҳ 36 солро ташкил мекунад. Барои хизматҳои шоёнаш дар таълиму тарбияи мутахассисони ҷавон ва кадрҳои баландихтисос бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», 3 маротиба бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 маротиба бо Ифтихорномаи ДМТ сарфароз гаштааст. Ҳудуди 20 сол аст, ки ӯ раиси Шӯрои занони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро ба уҳда дорад. Муаллифи зиёда аз 120 кори илмию тадқиқотӣ ва таълимию методӣ мебошад. Дар конференсияҳои бонуфузи илмии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат намудааст. Оиладор, соҳиби 4 фарзанд мебошад.

Аз ҳаёт ва фаъолияти муаллимаи азиз маълум мегардад, ки мавсуф тамоми ҳастии худро барои тарбияи фарзандону шогирдон бахшида, барои таълиму тарбияи насли ҷавон саҳми арзишманди худро гузоштааст. Ӯ яке аз нахустин нафароне мебошад, ки дар солҳои аввали таъсис додани кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун устоди кафедра ба донишҷӯён дарс гуфтааст. Ҳамзамон аввалин зане мебошад, ки дар кафедра ба сифати омӯзгор ба фаъолият шурӯъ кардааст.

**Аз ин ҷост, ки аҳли кафедра ӯро чун «модари кафедра» ва шогирдон чун «модари факултет» ном мебаранду эҳтиромашро чун модари худ ба ҷо меоранд.**

Бобоева Низорамоҳ аз хислатҳои баланди инсонӣ бохабар буда, чун шахси ғамхору меҳрубон дар тамоми лаҳзаҳои зиндагӣ канори ҳамкорон ва дӯстон мебошад. Маромномаи зиндагии ӯ барои ҳар фарди соҳибфикр омӯхтанист. Зеро, ӯ лаҳзаҳои мушкили зиндагиро пушти сар намуд, аммо дар рамузи зиндагӣ ба касеву чизе сар хам накардааст. Инсонест, ки дар пиндору гуфтору рафтораш ҳисси баланди ватандӯстӣ ва муҳаббат ба меҳан ҳис карда мешавад. Ба касби интихобнамудаи худ содиқ аст.

**Дар ин лаҳзаҳои бисёр муборак ва баҳори оламафрӯз, ки муаллимаи азиз ва модари меҳрубону ғамхори мо ҷашни зодрӯз доранд, мо аҳли кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ 60-умин баҳори умри эшонро самимона табрик намуда, ба мавсуф умри дароз, саломатии бардавом, хонаи пур аз муҳаббати фарзандону наберагону пайвандону наздикон, давлати пирӣ, саодати рӯзгор ва беҳтарин хушиҳои зиндагиро орзу менамоем.**

Умед бар он менамоем, ки модари маънавии мо даҳҳо ва садҳо соли дигар барои давлату миллат, халқи тоҷик ва факултети ҳуқуқшиносӣ хизмати содиқонаи худро дареғ надошта, баҳри омода намудани мутахассисони соҳибкасб саҳми арзишманди худро мегузоранд. Дар интиҳо гуфтанием:

**Ҷуз ин дуот нагӯям,**
**ки Рӯдакӣ гуфта,**
**Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор**
**сол бизӣ.**

**Бо эҳтиром,**
**Саъдизода Ҷ.**
**мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва аъзои кафедра**

# АРТИШ – ПОЯИ АСОСИИ ДАВЛАТ



**Рамазон ДАВЛАТЗОДА**
**магистри соли 1**

Таъсиси Қувваҳои мусаллах кори осон нест ва он давра ба давра сурат гирифтаст. Вазифаи асосии таъсиси ҚМ ҶТ муқовимат бо қувваҳои зиддидавлатӣ ва муҳофизати сохти конститутсионӣ буд. ҶТ баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз аввалин давлатхоест, ки Артиши миллии худро таъсис дода, оромию осудагӣ ва амнияти кишварро фароҳам овард. Дар солҳои аввали таъсисёбӣ вазъият дар ин самт ниҳоят душвор буд. Дар қисмҳои ҳарбӣ шароит он қадар хуб ба назар намерасид. Хушбахтона, имрӯз Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи мушкилиҳоро паси сар намуда, ба сӯи қуллаҳои баланд ҳаракат карда истодааст. Дар тули 28 соли фаъолият сохторҳои гуногуни ҳарбӣ ба бисёр дастовардҳои назаррас ноил гардид, ки онро дар чанд ҷумла дарҷ кардан ғайриимкон аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин самт назари махсус зоҳир намуда, рушди қувваҳои мусаллаҳро пояи асосии давлатдорӣ мехисобад. Ватан ноёбтарин сарват ва беҳтарин неъматест, ки Худованд барои мо ато кардааст. Ватан модар аст. Ин ду мафҳум барои шахси бонангу номус азиз ва муқаддас аст. Вақте ки кӯдак чашм ба дунёи ҳастӣ мекушояд дар машомаш бӯйи шири модару дар рӯи хоки зодгоҳаш ба воя мерасад. Ватан чӣ қадар калимаи зебост. Вақте инсон ин калимаро ба забон меорад, пеш аз ҳама он маконе ба хотираш меояд, ки дар он ҷо таваллуд шудааст ва ин макон барои ҳар як шахс муқаддас ва азиз аст. Ҳифзи Ватан яке аз вазифаҳои муқаддаси ҳар як инсон аст. Аҷдодони мо ин ҳуввияти миллиро дар худ тарғибу таблиғ намуда, барои озодӣ ва ҳифзи Истиқлолияти давлати хеш ҷони худро дареғ намедоштанд. Нишонаи ҷавонмардиву химоягарӣ аз ниёгон ба мо мерос буда, муқаддас будани Ватанро аҷдодони мо аз хурдсолӣ ба мо омӯзонидаанд, ки он дар хуни мо ҷорист. Мо бояд дарк намоем, ки хизмати Ватан мактаби ҷавонмардист ва мо бояд дар ин мактаби шуҷоат мардонагӣ омӯзем.

**Юсуфҷон САЙВАЛИЗОДА**
**донишҷӯи соли 4**



Ҳамасола дар кишвари азизамон 23-юми феврал ҳамчун рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукуҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешавад.

Аз таъсиси Артиши миллӣ 28 сол сипарӣ гардид. Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ зодаи давроне истиқлолият буда, дар шароити сахттарин таъсис ёфтааст. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба собиқ кишварҳои аъзои он хусусан кишварҳои навтаъсиси Осиёи Марказӣ зарурат ба миён омад, ки истиқлолияти худро қабул намоянд ва дар заминаи бинову иншооти амнияти ҳарбидошта, қувваҳои мусаллаҳи хешро бунёд созанд. Ҳамзамон онҳо аз артиши пуриқудрати Шӯравӣ техникаи мухталифи ҷангӣ ва яроқу аслиҳаи гуногунро мерос гирифтанд. Дар ин раванд ҶТ аввалин шуда қувваҳои мусаллаҳи худро таъсис дод, вале вазъи душвори ҳарбӣ-сиёсӣ он солҳо имкон надод, ки Тоҷикистон аз мероси артиши Иттиҳоди Шӯравӣ бархурдор гардад.

Мутаассифона, он замон дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ ҷараён дошт ва дар қувваҳои мусаллаҳи мамлакат мушкилотҳои зиёде дида мешуд. Танҳо бо сиёсати хирадмндонаи сарфармондеҳи олии қувваҳои мусаллаҳи ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама мушкилиҳоро паси сар намуда, имрӯз яке аз қушунҳои мустаҳкам дар минтақа ҳисобида мешавад.

Мақсади асосии таъсиси Артиши миллӣ ин ташкили қувваҳои ҳарбие буд, ки қобилияти таъмини истиқлолият, якпорчагии хоки Ватан ва оромии ҳаёти ҳар як сокини кишвар дониста мешуд. Ба ин мақсад бригада ва баталиёнҳои тирандоз таъсис ёфтанд, ки вазифаи асосии онҳо муқовимат бо қувваҳои зиддидавлатӣ ва муҳофизати сохти конститутсионӣ буд.

Хизмат дар сафи Артиши миллӣ ва ҳифзи марзу буми Ватан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тибқи моддаи 43 Конститутсияи ҶТ “Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст».

**Аббос**
**САФАРХОНЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маросими савгандёдкунии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои мусаллаҳ ва сохторҳои низомии ҶТ қайд намуданд, ки «солҳои охир авзои ҷаҳон торафт печидаву мураккаб ва пешгӯинашаванда гардида, таҳдиду хатарҳои замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ вусъат пайдо карда, ҳатто истиқлоли баъзе кишварҳои сайёраро осебпазир гардонидаанд. Ҳукумати мамлакат ба масъалаи тарбияи кадрҳои ҷавону обутобёфта, ватандӯсту ватанпараст ва дорои донишу малакаи муосир барои сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмин намудани омодабошии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҳимояи амнияти давлату ҷомеа ва сулҳу оромии кишвар эътибори аввалиндараҷа медиҳад».

Дар ҳақиқат тӯли ин солҳо афсарону сарбозони Артиши миллӣ аз имтиҳони ҷиддии ҳаёт, мактаби мардонагӣ ва муборизаву набардҳои сангин сарбаландона гузашта, барои





ҳифзи обу хоки сарзамини аҷдодӣ ва ҳимояи дастовардҳои Истиқлолият хизмати содиқонаву арзандаи худро ба ҷой овარданд.

Агар мо ба саҳифаҳои таърих назар намоем, пас маълум мешавад, ки Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ зодаи истиқолият буда, дар шароити вазнин таъсис ёфтааст.

Аз рӯзҳои аввали таъсиси Артиши миллӣ афсарони мо дар сангарҳо ҷангидаанд, танзимгари сохтори ташкилию штатии худмашғул шуданд. Таҳқурсии моддӣ-техникӣ умуман вуҷуд надошт. Норасоии кадрҳои ҳарбӣ ва мутахассисони касбӣ дар ҳама ҷанбаҳо ҳис мешуд. Сарфи назар аз ин мушкилиҳо ҳайати шахсии Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ дар солҳои душвори муқовимат роҳи пурпечутоберо тай намуда, таҷриба андӯхт ва ба яке аз артишҳои қасбии минтақа табдил ёфт. Бунёди Қувваҳои мусаллаҳ кори осон набуд ва он давра ба давра сурат гирифт.

Дар ин ҷабҳа, саҳми Сарфармондеҳи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо калон мебошад.

Имрӯз афсарону сарбозони Қувваҳои мусаллаҳи кишвар бо дарки баланди масъулияти касбӣ вазифаҳои худро содиқона ба ҷой оварда, барои пешгирии ҳар амалу кирдоре, ки амният ва ҳаёти осоиштаи сокинони кишварро зери хатар мегузорад, омода мебошанд.

# ТАВСИЯ БА САЙЁҲОН



Яке аз бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Бо мукаммал гардидани сохторҳои бахши сайёҳӣ нуфузу эътибори давлат дар ин самт меафзояд ва ҷалби сайёҳон ҷоннок карда мешавад. Аммо ҳар як сайёҳе, ки ба кишвар ворид мегардад, бо шарту шароит ва талаботҳои қонунгузории кишвар ва хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ назар меандозад. Дар ин робита, баъзе аз муаммоҳо ба миён меояд. Масалан, баъзан сайёҳон ҳайвоноти хонагиро ҳамроҳ бо худ мегиранд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ интиқоли ҳайвонотро ҳангоми сафар бо ҳавопаймо ва қатора муқаррар намудаанд. Барои интиқоли ҳайвонот чиптаи алоҳида харидан лозим нест. Дар хусус ҳадамоти махсус бо номи интиқол додани ҳайвонот дар кабина ё бағоҷи ҳавопаймо мавҷуд аст. Барои ин ҳавопаймо тамоми имкониятро дорад, ба шарте ки ҳайвонот дар контейнер ё қафаси махсус нигоҳ дошта шуда бошанд. Бояд зикр намуд, ки ба ҳавопаймо бо худ гирифтани саг, гурба ё ин ки парранда ичозат дода шудааст. Саг ё гурба дар ҳавопаймо бояд дар зарфе бошад, ки махсус барои онҳо пешбинӣ шудааст. Барои интиқоли хайвон сайёҳ уҳдадор аст, ки ҳайвонро бо контейнер ё қафаси ҳаҷмаш муайян таъмин намояд. Бе контейнер ва бе қафас интиқоли ҳайвонот қатъиян манъ аст. Харочоти ҳайвонот аз вазнашон вобастагӣ дорад. Дар кабинаи ҳавопаймо интиқоли он ҳайвонеро иҷозат медиҳанд, ки вазнашон ҳамагӣ бо контейнер аз 5-8 кг зиёд набошад ва андозаашон аз 115 сантиметр зиёд набошад. Ҳайвонот ҳаҷмашон калоне, ки аз 5-8 кг зиёданд дар ҳуҷраи бағоҷ тибқи ҳамон қоидаҳо сурат мегирад, аммо танҳо қафаси ҳайвон, бояд дар ин ҳолат боэътимодтар бошад.

Дар пасманзари ин гуфтаҳо бояд иброз дошт, ки ҳайвонҳое низ ҳастанд, ки онҳо шахсони маъюбро ҳамроҳӣ мекунанд ва ин гуна ҳайвонҳоро сагҳо ё ин ки гурбаҳои роҳбалад меноманд, ки барои онҳо чӣ тавассути ҳавопаймо ва ё чи роҳи оҳан роҳкиро ройгон мебошад.

Ҳамчунин ҳар як сайёҳро зарур аст, ки пеш аз парвоз бо қонунҳои давлати сафаркардааш шинос шавад, зеро дар баъзе давлатҳо воридоти ҳайвонот манъ аст. Масалан дар Британияи Кабир воридоти сагҳои ҷангӣ манъ аст ё ин ки пеш аз воридот ба карантин гирифта мешаванд.

Интиқоли ҳайвоноти хонагӣ тавассути роҳи оҳан низ қоидаҳои махсуси худро дорад. Мутобиқи қоидаҳои интиқоли ҳайвонот дар қатора талаботҳои муайян мавҷуд аст. Дар он танҳо ҳайвоноти ҷисман хурд, ки андозаи онҳо аз 180 см зиёд набошад иҷозат дода шавад. Дар қатора сагҳои бузург бояд бо даҳонбанд ва тасма нигоҳ дошта шаванд.



**Ҷавоҳирот МАЛИҚОЕВА**
**донишҷӯи соли 3**

Хулоса, интиқоли ҳайвонот ба худ хусусияти хос дошта, аз ҳар як сайёҳ дохилӣ ва хориҷӣ талаб карда мешавад, ки қоидаҳои мазкурро риоя намоянд. Чунки риояи талаботи мазкур метавонад бехатарии ҳаракати дигар мусофиронро таъмин намояд.

**ЧИЗЕ, КИ ЗАН ДОРАД ВА МАРДРО ТАСХИР МЕКУНАД МЕҲРУБОНИИ ӮСТ, НА СИМОИ ЗЕБОЯШ.**

**Шекспир**



# БИҲИШТИ ҶОВИДОНАМ – МОДАРАМ!

Модарҷон, имрӯзҳо зи ту дураму пазмонат гаштаам. Баҳри таскини дили хеш дар ин авроқи безабон таронаеро баҳрат нигоштан мехоҳам. Бо кадом ин суханон васфат созам, ки беҳтарин суханҳоро гуфтаанд: Модар бо офтоб ё бо моҳ, бо обу ҳаво, бо замин ва ё само, ба ҷон баробарат месозам, на, ту аз он ҳама болотарӣ. Бе ту ҳастии дунё маъное надорад.

Зиндагӣ зи ту сарчашма мегирад, олиҳаи ҳастӣ, ки ба мо ҳаёт бахшидӣ. Ба ҷон баробар дӯстат медорам, модарҷон! Дар раҳи сафар ба сӯи фатҳи қуллаҳои дониш бо дастони нозуку пурсаховати худ дуоям додиву ашк рехтӣ. Ашк рӯи рухсорат мешорид. Дили ту ганҷи меҳру вафост, ки баҳри мо фарзандон онро арзонӣ медорӣ. Ба номат саҷда меорам, ки номат мисоли ту бузург аст.

Қалби модар зеботарин ва ҷовидонтарин ҷойгоҳи фарзанд аст. Ҳатто, дар рузҳое, ки ба мӯйҳои фарзанд сафедӣ афтода бошад. Маҳз модар бо иффат, ақлу фаросат, одоби ҳамида ва меҳру шавкат рӯзгори моро зеб медиҳад.

Зан-модарро зиннати хонадон, устоди атфол ва муаллими наслҳо мегӯянд. Воқеан ҳам агар зан дар оила боақлу бофаросат, сариштакору озода бошад, худрову атрофиёнашро аз ҳолатҳои ногувори зиндагӣ эмин нигоҳ медорад.

Ҳамду сано ба зан-модар, ки муҳаббати ӯ интиҳо надорад ва пойдории ҳаёти инсоният ва бақои одамият аз бузургиву фазилатҳои ӯст.



Ҷонона СУҲРОБЗОДА
донишҷӯи соли 4

# СИМОИ ЗАН-МОДАР



Лутфулло ИСМОИЛЗОДА
донишҷӯи соли 2

Таърих гувоҳ аст, ки занҳои тоҷик ҳамеша дар оила нақши аввалиндараҷаву созанда доштанд ва ин одати неки ниёгон то имрӯз идома дорад. Зани тоҷик дар баробари оилаи худ, дар ҷомеа низ нақши муҳимро соҳиб гардидааст ва дар тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ занон ба тамоми корҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар муассиҳои таълимӣ, дар корхонаҳои давлатию хусусӣ ва сохторҳои қудратӣ ҷалб карда шудаанд.

Пешвои миллат ҳамасола дар паёмҳои худ аз занон ва нақшу нуфузи онҳо дар ҷомеа ёдовар мегардад ва доимо таъкид менамояд, ки бозҳам бештар, аз сар то сари мамлакат, аз ҳисоби занон кадрҳои болаёқат ба корҳои давлатӣ ҷалб карда шаванд.

Аз ҷиҳати саводнокӣ ва илму маърифат низ занҳои тоҷик бисёр рушд карда истодаанд ва яке аз масъалаҳои асосии сиёсати дохилии мамлакат имрӯз дар ҷодаи илм ҷалб намудани ҷавондухтарон ба таҳсил ва зиёд намудани фарогирии онҳо ба илму маърифат мебошад.

Вазъи ҳуқуқии занонро дар ҷомеаи кунунӣ Конститутсияи ҶТ, санадҳои байналмилалӣ, Қонуни ҶТ “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим намудааст. Дар моддаи 17 Конститутсияи ҶТ дарҷ гардидааст, ки “мардон ва занон баробарҳуқуқанд” ва дар сар то сари кишвар барои таъмини баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ корҳои зиёде ба сомон расида истодааст.

Қонуни ҶТ “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” бошад, иштироки занонро дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии корҳои давлатӣ кафолат медиҳад.

Хулоса, дар ҷомеаи имрӯза зан-модар, занроҳбар ва зан чароғи хонадони ҳар яки мост.

# МУСТАҲКАМШАВИИ МАВҚЕИ ЗАНОН ДАР ҶОМЕА

Ҳамасола Президенти мамлакат дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Паёми худро ироа мекунад. Нуқтаҳои муҳимме, ки дар Паём ироа гардид, дар хусуси иштирок, афзоиш ва фаъолнокии занону бонувон дар ҳаёти ҷамъиятии мамлакат буд ва албатта, ин пешравии чашмрас бевосита ба ҳар яки мо равшан аст.

Пешвои миллат натиҷаҳои интихоботи соли 2020 ба Маҷлиси Олии кишварро изҳор дошта арз намуданд, ки ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ 8 нафар занон ва ба Маҷлиси намояндагон 15 нафар занон интихоб шуданд, ки нисбат ба интихоботи гузашта қариб 4 фоиз зиёд мебошад. Ҳоло дар соҳаи тандурустии кишвар қариб 110 ҳазор нафар кормандон фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 75 ҳазор нафарашон табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ буда, беш аз 68 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Саҳми занон дар рушди соҳаҳои илму маориф ва тандурустии мамлакат торафт афзуда истодааст. Имрӯз дар соҳаи маорифи кишвар 73 фоиз ва тандурустиву ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қариб 68 фоизро занону бонувон ташкил медиҳанд.

Ҳукумати мамлакат ташаббусҳои занону бонувони кишварро минбаъд низ дастгирӣ карда, ба хотири ҷалби бештари онҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда тадбирҳои иловагиро амалӣ мегардонад. Бо ин мақсад, Президенти кишвар дар паёми худ ба Маҷлиси Олии мамлакат ба Кумитаи кор бо занон ва оила супориш доданд, ки лоиҳаи қарори Ҳукумати мамлакатро дар бораи «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар ҶТ барои солҳои 2021-2030» ва Нақшаи амалисозии онро барои солҳои 2021-2025 таҳия ва пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки таваҷҷуҳи ҳукумати мамлакат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сол аз сол мавқеъ ва нақши занон дар амалисозии ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ боло рафта истодааст. Ин аз сиёсати гендерии ҳукумати кишвар шаҳодат медиҳад, ки дар ҳеҷ ваҷҳ иҷозат намедиҳад то ки ҳуқуқу манфиатҳои занон поймол гарданд.



Ҷасур АБДУСАТТОРОВ
донишҷӯи соли 2

# БУЗУРГИИ ЗАН-МОДАР



Асомиддин АБДУЛЛОЕВ
магистранти
факултети таърих

Зан-Модар муқаддастарин мафҳумҳое ҳастанд, ки баробари талаффузи онҳо азизтарин, меҳрубонтарин, бо муҳаббаттарин, самимияттарин, зеботарин, гавҳари ноёбтарин, покизатарин ва поксириштарин инсон пеши назар меояд. Воқеъан, Зан-Модар қиматтарин немати рӯи дунё, сарчашамаи зиндагӣ ва меҳру муҳаббати беканор, пайкари поку зиндагибахш, тухмпоши ҳастии инсон, кишоварзи саҳрои оила, обпоши дарахти ҳаёт ва ҳимматбаландтарин шахсияти башарият аст, ки аз ҳар ҳарфи ин мафҳум – Модар зиндагӣ оғоз гардида, маъние мегирад.

Модар! Зимни ин панҷ ҳарф чӣ қадар меҳру муҳаббат, хушгуфторию хушрафторӣ, бузургиву муҷассамаи хоксорӣ ниҳон аст. Дар олам муқаддастар аз модар мавҷудоте нест. Оре, тамоми ҳастии вуҷуди мо аз модар аст, маҳз бо туфайли ҳастии ҷонкоҳонии модар мо ба дунё омада, Одам ном гирифтем. Аз ин ҷост, ки мо ӯро муқаддас мешуморему дар лаҳзаҳои душвортарин номашро ба забон мегирему мегӯем: Модар, Модарҷон!

Модар ҳаст, ки мо ҳастем. Кист он касе, ки суруди «алла»-и модарро нашунида бошад, аз шири сафеди ӯ баҳра наёфта бошад.

Модар! Ту чашмаи ҳаёти инсон ҳастӣ ва ҳаёти инсон ба ту вобаста аст.

Модар! Бе ту ҳеҷ баҳоре зебо ва ҳеҷ тирамоҳе пурфайз нест. Файзи зиндагонии мо аз туст. Ту ситораи дурахшоне ҳастӣ, ки роҳи фарзандатро равшан месозӣ.

Дар воқеъ, Модар, шахсияти бузург аст, ки бо ин бузургӣ, қудрату матонат, эҳсону ҷасорат ва меҳру садоқати беканораш ҳамаро қоил кардааст. Ҳатто бузургии Модарро Замину Осмон, Офтобу Кӯҳҳо ва чашмасорон низ эътироф кардаанд.

Ривоят мекунанд, ки аз Офтоб пурсиданд: Эй Офтоб ту ки нуру зиёбахш ва ҳароратафкани замину осмон ҳасти ба мо бигӯ, ғайр аз ту чизе ё касе вуҷуд дорад, ки аз ту дида гармтару равшантар ва нуронитар бошад? Офтоб дар ҷавоб гуфт: “Бале, аз ман дида гармтару равшантар ва нуронитар қалби Модар аст. Ва агар ман, нуру зиёбахш ва ҳароратафкани замину осмон бошам, Модар нуру зиёбахш ва ҳароратафкани ҳастии зиндагӣ аст”

Аз кӯҳҳои сахту баланд пурсиданд: Эй кӯҳҳо ба мо бигӯед, ки аз шумо дида чизе ва ё касе ҳаст, сахтар бошаду қавитар? Кӯҳҳо бо як садо ҳамагӣ гуфтанд: “бале ҷисму ҷони Модар”

Аз чашмаҳо пурсиданд: Оё чизе ё касе вуҷуд дорад, ки аз шумо дида, софу беғубор бошад? Чашмаҳо дар ҷавоб гуфтанд: “оре аз мо дида, софу беғубор ин дили Модар аст”.

Ба Замин гуфтанд: Эй замин мо медонем, ки ту пурқувввату пурсабр ҳастӣ, зеро ин қадар бори вазнини дунё, зиндагии пасту баланди инсонҳо ва дигар ҳодисаву воқеаҳо дар рӯи ту давр мезананд ва ту инро бардошт карда дар пушти худ бо оромиву таҳаммул мегардонӣ, ба мо бигӯ оё чизе ё касе ба ғайр аз ту вуҷуд дорад, ки ин қадар вазниниву сахтиҳоро бардошт карда пурсабр ва пуртаҳамммул бошад”. Замин гуфт: “бале, аз ман дида пурқуввату пурсабр, ки ин ҳама сахтиву вазниниҳои дунёро бардошт мекунад ин қалби бузурги Модар аст!”.

Модарон! Қадру мақоматон чунон баланд аст, ки Худованд бандагонашро ба эҳтироми шумо тавсия менамояд ва Паёмбар ҷаннатро бо он ҳама нузҳату ҷалол дар зери қадамҳои шумо қарор медиҳад.

ҲАР КУҶО МАРДЕ ЁФТ ШУД, КИ БА МАҚОМИ БАЛАНД РАСИДААСТ, ЯҚИНАН ЗАНИ ПОКДОМАНЕ ӮРО ҲАМРАҲӢ КАРДААСТ.

Шиллер

# ҲУҚУҚ БА ОЗОДИИ СУХАН



Саидакбар ҚОДИРОВ
донишҷӯи соли 4

Ҳуқуқ ба озодии сухан ҳуқуқест, ки ба шахс имконият медиҳад, то ки озодона андеша ва фикру ақидаи худро иброз намояд. Ин ҳуқуқ ба ҳар як шаҳрванде имкон медиҳад, ки бидуни дахолати ҳеҷ гуна мақомоти давлатӣ ва ё шахсони мансабдори он фикру ақидаи худро хоҳ дар рӯзнома, маҷалла ё ин ки дар дигар васоити ахбори омма баён намояд. Ҳуқуқ ба озодии сухан ба зумраи «ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ» шомил мешавад ва дар Конститутсияи ҶТ дарҷ шудааст. Мутобиқи моддаи 30 Конститутсия «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад». Ин меъёр аз он далолат мекунад, ки Конститутсия ба сифати сарчашмаи аввалини ҳимоякунандаи ҳуқуқи мазкур баромад менамояд.

**Илми ҳуқуқи инсон муайян кардааст, ки озодии сухан дорои унсурҳои ба худ хос мебошад:**

**1) Озодии ҳар инсон барои ошкоро баён намудани фикр, ғояҳо ва андешаҳои худ ва тарғиби онҳо бо ҳамаи усулҳои қонунӣ;**

**2) Озодии матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма аз сензура ва ҳуқуқи шаҳрвандон бахри таъсис додан ва истифода кардани мақомоти иттилоотӣ;**

**3) Озодии дастрасӣ ба манбаҳои иттилоот ё ҳуқуқи гирифтани иттилооте, ки манфиати ҷамъиятӣ дошта, ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дахл доранд.**

Дар баробари қонунгузории миллӣ, инчунин санадҳои байналмилалӣ ҳуқуқ ба озодии сухан ва изҳори ақидаро ҳамчун чузъи ҷудонопазири ҳуқуқҳои инсон муқаррар намудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 19 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дарҷ гаштааст, ки «ҳар инсон ба озодии ақида ва баёни он ҳақ дорад». Инчунин, дар моддаи 19 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қайд гардидааст, ки «ҳар як инсон ҳақ дорад, бидуни дахолат ақидаҳои худро дошта бошад...».

Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба озодии сухан унсури муҳимми ҷомеаи демократӣ ба шумор меравад. Зеро демократия худ мафҳуми ҳокимияти халқро ифода менамояд. Агар дар ҷомеаи демократӣ шахс озодии сухан, фикру ақидаи худро озодона баён карда натавонад, бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки ин ҷомеа ҷомеаи демократӣ ба шумор намеравад.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ заминаи ҳуқуқии ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалии таъмин ва риояи озодии сухан ва воситаҳои ахбори омма муҳайё карда шудааст. Ҳамин тавр, бо шарофати фароҳам овардани шароит барои озодии сухан, изҳори ақида, шумораи васоити ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои радио ва телевизион, инчунин рӯзномаю маҷаллаҳо тайи солҳои охир зиёд шуда истодааст.



**Мутобиқи маълумотҳои омории то санаи 1 январи соли 2019 пешниҳодшуда, дар ҷумҳурӣ 376 рӯзнома, аз ҷумла 112 давлатӣ ва 264 ғайридавлатӣ, 245 маҷалла, ки аз он 114 давлатӣ ва 131 ғайридавлатӣ, 317 матбаа, аз ҷумла 37 давлатӣ ва 280 ғайридавлатӣ, 71 нашриёт, аз ҷумла 10 давлатӣ ва 61 ғайридавлатӣ, инчунин оҷонсиҳои иттилоотӣ 10 адад, аз ҷумла 1 давлатӣ ва 9 ғайридавлатӣ ба қайд гирифта шудааст.**

Дастрасӣ ба иттилоот яке аз унсурҳои асосии озодии сухан ва ибрози ақидаи хеш мебошад. Имрӯз дар санадҳои байналмилалӣ дарҷ шудааст, ки иттилоот барои оммаи халқ бояд дастрас бошад ва дар ин равand аз тарафи шахсони алоҳида дар сурати рад намудани пешниҳоди иттилоот бояд ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дошта бошад, ки ба мақомоти мустақили соҳа бо шикоят муроҷиат намояд.

Дар баробари ин, олимон ақидаҳои гуногун дар бораи ҳуқуқ ба озодии сухан доранд. Г.А. Алхутова қайд менамояд, ки «озодии сухан имкони озодона баён намудани ақида ва эътиқоди худ оид ба масъалаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва давлатиро ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ ифода менамояд». Олими дигар Э.А. Лукашева се унсури сохтори ҳуқуқ ба озодии суханро муайян намудааст: озодии ҳар шахс барои изҳори оммавӣ кардани адешаҳо, ақидаҳо ва паҳн кардани онҳо бо тариқи қонунӣ; озодии матбуот ва дигар васоити ахбори омма; озодии дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоот. Тибқи гуфтаи М.В. Баглай озодии сухан ин «ҳуқуқи гуфтани ҳар чи ки хоҳед»-ро дар назар дорад ва чунин мепиндорад, ки ҳар як шахс метавонад ақидаи худро бидуни тарс аз ҳеҷ гуна мақомоти қудратӣ амалӣ карда, ибрози ақидаи хешро ба оммаи мардум расонад. Донишманди нидерландӣ Гуго Гротсий дар яке аз асарҳои худ чунин навиштааст: «Шахс ҳамон вақт худро озод ҳис мекунад, ки агар ақидаи хешро баён карда тавонад».

Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба озодии сухан чавҳарест, ки ҳар як инсон бояд аз он ба пуррагӣ истифода барад, тавассути гуногунандешиаш бахри ислоҳ намудани ҳамаи мушкилоти ҷомеаи мутамаддин кӯшиш ба харҷ диҳад ва бахри пешрафти ҷомеа ва давлати хеш саҳми арзанда гузорад.

# НАЗОРАТИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ



Қадам ФАТҲУЛЛОЕВ
донишҷӯи соли 4

**Дар баробари Конститутсия инчунин Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" вазъи ин мақомотро ба танзим медарорад. Аз ҷумла, принсипҳои фаъолият, ҳайат ва тартиби интихоби онҳо, вазъи ҳуқуқии судяҳо, салоҳияти раис, муовини раис ва муовинон, принсипҳои асосии мурофиавӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи Суди конститутсионӣ, санадҳои Суди конститутсионӣ ва дигар меъёрҳоро дар бармегирад, ки бевосита ба фаъолияти Суди конститутсионӣ равона шудааст.**

Дар низоми судии ҶТ Суди конститутсионӣ мавқеи хосро доро мебошад. Вобаста ба мақоми Суди конститутсионӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибат 15-умин солгарди таъсиси Суди конститутсионии ҶТ иброз намудаанд, ки "Дар татбиқи меъёрҳои Конститутсия пеш аз ҳама, дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ки ин арзишҳо меҳвари низоми давлати демократӣ мебошанд, ҳокимияти судӣ аз ҷумла, Суди конститутсионӣ нақши бағоят муҳим дорад".

Падидаи назорати конститутсионӣ яке аз институтҳои муҳимми ҳуқуқии давлатҳои ҷаҳон ба шумор меравад, зеро дар он ҳифзи Конститутсия, ки муаррификунандаи ҳар як давлат дар арсаи байналмилалӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, қарор дорад.

Суди конститутсионӣ дар ҶТ баъди қабули Конститутсия таъсис дода шуд, вале он амалан пас аз қабули Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи Суди конститутсионии ҶТ" аз 3 ноябри соли 1995 ба фаъолият оғоз кард. Суди конститутсионии ҶТ вобаста ба мақом ва мавқеи худ ба низоми ҳокимияти судӣ тааллуқ дошта, дар ҷои аввал меистад. Вазъи ҳуқуқии онро боби 8 Конститутсия, ки "Суд" ном дорад, муайян намудааст. Аз ҷумла, дар якчанд меъёри ҳамин боб ба таври умумӣ, ки ба танзими ҳокимияти судӣ дахл дорад, танзими худро ёфтааст. Дар Конститутсияи амлакардаистода ба таври махсус моддаи 89 ҳайат, тартиби интихоб ва салоҳиятҳои Суди конститутсиониро муайян намудааст. Дар асоси моддаи мазкур ҳайати суди мазкур аз 7 нафар иборат буда, шахсе метавонад ба ҳайси судяи суди номбурда интихоб шавад, агар синни ӯ аз 30 кам ва аз 65 зиёд набошад ва беш аз 7 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Инчунин Конститутсия ҶТ салоҳияти Суди конститутсиониро муқаррар намудааст, ки ба тарзи зайл ифода мегарданд: 1) муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, қарордодҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия; 2) ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо; 3) иҷрои ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Аз ин меъёр бармеояд, ки вазифаи Суди конститутсионӣ пеш аз ҳама ба таъмини волоияти Конститутсия ва таъмини мустақиман амалӣ намудани меъёрҳои он дар қаламрави кишвар, ҳифзи Конститутсия ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон равона шудааст.




Тавре ки қайд кардем, мақсади асосии назорати конститутсионӣ ин таъмини намудани мутобиқати ҳамаи санадҳои ҳуқуқӣ ба Конститутсия мебошад.

# МОДАР – ОЛИҲАИ НОЗ



**Анварҷон ОЛИМОВ**
**донишҷӯи соли 3**

Оила унсури асосии ҷомеа мебошад. Тамоми пешрафти ҷамъият аз оила оғоз ёфта, устувории давлат дар ҷомеаи солим зуҳур мегардад, нақши асосии устувории оила аз падару модар вобастагии зиёд дорад. Дар замони муосир, ки тамаддуни мамлакатҳои ғарб фарҳанги ғании моро халалдор сохта истодааст, бояд мо аз арзишҳои фарҳангӣ, миллӣ ва динии худ канора нагирифта, ҳуқуқи оиларо муқаддас шуморида, дар мадди аввал ҳуқуқи волидайнро гузорем. Пешрафти технология инсониятро аз он арзишҳои муқаддаси оилавӣ дур сохта, ҷавононро ба ҳаёти сабукбинона ва бемасъулиятона оварда истодааст, ки падару модар дар вақти пирӣ дар хонаи пиронсолон нигоҳ дошта мешаванд. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фарзандони болиғи қобили меҳнатро уҳдадор менамояд, ки волидони ғайри қобили меҳнати ба кумак муҳтоҷи худро нигоҳубин намоянд ва нисбат ба онҳо ғамхор бошанд.

Саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти волидайни ғайри қобили меҳнат шароити ҳаёти онҳоро бад намуда, ба вазъи саломатиашон таъсир расонида, зиндагии солими волидайнро вайрон месозад. Бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти падару модари ғайри қобили меҳнат мувофиқи моддаи 178 Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷиноят эътироф шудааст. Халқи тоҷикро зарур аст, ки дар ягон маврид аз фарҳанги миллии худ даст накашида, эҳтироми волидайнро дар мадди аввал гузоранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон пос доштани эҳтироми волидайнро яке аз сифатҳои беҳтарини инсонӣ шуморида, насли ҷавонро барои хурмату иззат намудани волидайни худ даъват менамоянд. Ҳар фарди соҳибзаковат инро дарк менамояд, зеро:

Як нуқта бас аст, агар шуур аст,
В-арна чу чароғ пеши кӯр аст...!

**Меҳробҷон ХУШВАХТЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Донистани қадру қимати зан-модар ва бузургдошти рисолати ӯ қарзи ҳар як фарди баору номус аст. Зани боҷасорати тоҷик дар тӯли таърих баробари тарбияи фарзанд ва ҳифзи чароғи хонадон ба хотири ҳимояи шарафу номуси кишвар ва миллат дар паҳлӯи мардон бар зиддӣ душманон далерона мубориза бурдааст. Ва набзи имрӯзаи замон тақозои онро дорад, ки аз даричаи сабзи қалбҳо ба ҳама гирумони зиндагӣ нигоҳи тозае дошта, дар эъмори ҷомеаи навин нақши созандае гузорад. Имрӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлоламон барои ба ҳаёти ҷамъиятӣ пайвастани занон тамоми шароитҳо, заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам мебошанд.



Мусаллам аст, ки беҳдошти ҳаёти зан-модар, тарбия, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои он пойдевори асосии сулҳу субот ва рушди Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста талош намуда истодааст то мақом ва манзалати занро дар ҷомеа тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баланд бардорад. Махсусан, дар самти баланд бардоштани мақоми зан-модари тоҷик дар ҷомеа хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят баланд мебошад. Зеро, Пешвои миллат аз замони ба сари ҳокимият омадан занонро чун қишри ба ҳимоя эҳтиёҷдоштаи ҷомеа зери ғамхории махсуси худ қарор дода, барои иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ ташаббусҳои арзишмандро рӯи даст гирифтанд. Боварии комил дорем, ки модарони тоҷик минбаъд низ зери ғамхории махсуси давлат қарор мегиранд ва дар ташаккули ҳаёти ҷамъиятӣ, пешрафти меҳани азизамон ва тарбияи наслҳои солимфикр ҳастии худро дареғ намедоранд.

**Шаҳриёбону ҒАНИЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

Ҳамасола дар сатҳи байналмилалӣ ҷашн гирифтани Рӯзи зан-модар ин нишонаи эътибору эҳтиром ва арҷгузории давлату миллатҳо ба модарону занон мебошад, зеро ки нақши занону модарон дар ободии хонадон, тарбия кардану ба воя расонидани наслҳои ояндасози миллат ва пешбурди корҳои ҷамъиятию сиёсӣ бағоят назаррас аст. Давлати соҳибистиқлоли тоҷикон имрӯзҳо занону модаронро ҳамчун неруи пешбаранда ва қишри фаъоли ҷомеа эътироф намудааст. Занону модарон дар баробари корҳои рӯзгордорӣ дар идоракунии давлат низ фаъол мебошанд. Бо мақсади таъмини иштироки занони қавииродаву боҷасорат дар ҳаёти сиёсии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии бевоситаи Президенти мамлакатамон дар кишвар чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд, ки онҳо барои боз ҳам баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеаи демократӣ нақши муҳим мебозанд. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” аз 3-юми декабри соли 1999, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 8 августи соли 2001, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020” аз 29 майи соли 2010 ва ғ.

Модар сазовори ҳама гуна қадршиносӣ ва дӯстдорӣ мебошад, зеро ӯ меҳрубонтарин инсон барои ҳар як шахс ба шумор меравад. Зан-модар ба мисли баҳори пурнакҳату муаттар таҷассумгари фардои обод аст. Ҷомеае, ки ба зан-модар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, он ҷомеа ба оиндаи дурахшони худ таваҷҷуҳ менамояд.



**Носирҷон МАЛЛАЕВ**
**донишҷӯи соли 2**

Дунёи зан-модар баҳористони гулафшони зиндагист. Модар меҳвари хонадон ва оромиш мебошад. Модар ба мо ҳаёт мебахшад ва беҳтарин хислатҳои инсониро дар вуҷудамон бо шири зулолу сапедаш ҷой медиҳад. Дар яке аз баромадҳояшон сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба рӯзи модарон ибрози намуданд, ки зан-модар тавлидгару мураббии инсон ва устоди беназири фарзанд аст.

Нахустин мактаби инсон мактаби модар аст, ки ҳамаи мо тахти парасторӣ ва меҳру навозиши ӯ ба камол расидаем ва сабақи одамият омӯхтем. Модар ин ситораи зиндагии мо, яъне ситораи дурахшонест, ки ҷаҳони моро нуру ҷило мебахшад. Модар бо нури худ дунёро рашании ҳаёт мебахшад. Модар бо як дасташ гаҳвора бо дасти дигараш дунёро такон медиҳад. Модар мисли офтоб аст, ки бо тамоми олам саховатмандона нур мепошад. Модар зан аст, зан бошад ин олиҳаи ҳусну малоҳат.

Модарони мо имрӯзҳо арзандаи ҳама гуна эҳтирому дӯстдориянд ва саодати зиндагии мо мебошанд. Модар мисли нурҳои хуршед аст, ки доимо қалби фарзандони хешро гарму равшан менамояд.

**Сайвалӣ БОБОХОНОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Агар дар бобати бузургии зан ва мақому манзалати он дар ҷомеа борҳо ва солҳо ҳам сухан гӯем, боз ҳам басанда нест. Зеро зан олиҳаест, ки дар садафи ӯ қиматтарин марворидҳои башар таҳияву такмил ёфтаанд. Бузургтаринҳо аз урфову уламо, пешвоҳо ва шахсиятҳое, ки ҷаҳон дар нерумандӣ ва тавоноиашон қоим гардидааст, аз зан ба дунё омадаанду дар домани ӯ парвариш ёфтаанд. Аммо, агар ба таърихи гузаштаи халқиятҳои башар нигарем, маълум мегардад, ки на дар ҳама давра иззату эҳтироми зан ба дараҷаи аъло пазируфта мешудааст ва мақому манзалати он низ на он қадар устувор ва барбоод будааст. Дар бисёр мавридҳо занро ҳамчун воситаи хушҳолӣ ва хушгузаронӣ медонистанд. Масалан, дар Миср зан бо хоҳиши худаш шавҳар карда наметавонистааст ва дар гузашта аз ин, онро ҳамчун мол хариду фурӯш мекарданд ё ҳамчун мол ҳадя менамуданд. Дар Ҳиндустони қадим бошад, зан пас аз вафоти шавҳараш ҳуқуқи зистан надошт ва рӯзи марги шавҳараш ӯро зинда ба зинда бо ҷасади ҳамсараш месӯзонданд.



Пас аз ташкил шудани ҳокимияти Шӯравӣ ба зан ва мавкеи он дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Ҳуқуқи зан расман эътироф ва дар Конститутсияи Иттиҳоди Шӯравӣ, ки соли 1936 қабул шуда буд, расман мустаҳкам карда шуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 қабул шуд ва дар он баробарҳуқуқии мардон ва занон пешбинӣ гардидааст. Баробарҳуқуқии зану шавҳар дар муносибатҳои оилавӣ ва бекор намудани ақди никоҳ яке аз принсипҳои асосии қонунгузории оилавист, ки тавассути он муносибатҳои оилавӣ ба танзим дароварда мешаванд. Қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, муқаррар менамояд, ки ҳар шахс дар интихоби касб ва ҷои кор аз рӯи қобилияти худ озод мебошад. Баробарҳуқуқии занон бо мардон дар дигар қонунҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ пешбинӣ гардида, имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо кафолат дода шудааст. Зан муборизи қавиирода буда, дар ҳаёти ҳаррӯзаи Тоҷикистон нақши ҳалкунандаро мебозад.

**Абдуҷабори АБДУКАРИМ**
**донишҷӯи соли 3**

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз касби Истиқлолияти давлатӣ ҳуқуқу манфиатҳои тамоми шаҳрвандон, алалхусус занонро кафолат дода, дар ин самт корҳои бузургро рӯи даст гирифтааст. Махсусан, дар сатҳи меъёрҳои конститутсионӣ эълон намудани баробарҳуқуқии мардон ва занон имконияти дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои занонро фароҳам меорад.

Зан-модари тоҷик лоиқ ба ҳама дастгирӣ ва ғамхорӣ мебошад. Зеро, масири таърих шаҳодат аз он медиҳад, ки бонувони соҳибиродаи тоҷик бо ҷасорату ҷонсупориҳои худ тавонистаанд миллати тоҷикро аз таҷовузи душманон ва хоинони ин миллати соҳибфарҳанг эмин нигоҳ доранд. Бо вуҷуди чунин машаққат ва санҷишҳои вазнини зиндагӣ модарони тоҷик фарзандонеро ба дунё оварданд, ки онҳо шуҳрати дунёӣ пайдо намуданд. Аз ин рӯ, ба қадри занону модарони тоҷик расидан ва пос доштани эҳтироми онҳо қарзи ҳар як фарди миллат мебошад. Аз ин ҷост, ки Роҳбарияти олии кишвар дар сиёсати пешгирифтаи худ мақоми зан-модари тоҷикро дар мадди аввал қарор дода, ташаббусҳои онҳоро пайваста дастгирӣ менамояд. Имрӯз бонувони тоҷик дар вазифаҳои баланди давлатӣ адои хизмат менамоянд, ки ин мояи ифтихори ҳар тоҷику тоҷикистонист.



**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

**ЯК МОДАРИ ХУБ БА САД УСТОД ВА ОМӮЗГОР МЕАРЗАД.**
**Ҷорҷ Херберт**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Истилохе, ки барои тамоми давлатҳои дунё, аз ҷумла Тоҷикистон азиз аст ин «Истиқлолият» ба ҳисоб меравад. Зеро орзуи ягонаи халқи тоҷик аз азал ин соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Истиқлолияти давлатӣ барои мо тоҷикон муқаддас ва муътабар ба ҳисоб меравад, зеро муборизаи чандинсолаи халқи тоҷик тавонист моро ба ин арзиши бебаҳо оварда расонад ва Тоҷикистонро ҳамчун як давлати соҳибистиқлол дар харитаи сиёсии ҷаҳон муайян намояд.



Яқуб ҲАКИМОВ
магистри соли 1

**Яке аз дастовардҳои бузурге, ки мо дар замони истиқлолияти давлатӣ ба он соҳиб гаштем, ин рушди қонунгузории мамлакат ба шумор меравад.**

Нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ назаррас буда, қабули сариваќтии онҳо ба мо имконияти соҳиб шудан ба тартиботи ягона ва мустақилона амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳоямонро ба вуҷуд меорад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҷамъият нуфузи бештар дошта, доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад.

**Рушд ва инкишофи қонунгузории давлат аз пешравии муносибатҳои ҷамъиятӣ низ вобастагӣ дорад, зеро инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ асоси ба вуҷудоии меъёрҳо бахри танзими онҳо мегардад.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намудааст, ки ба воситаи онҳо имрӯз муносибатҳои ҷамъиятӣ мавриди танзим қарор гирифтааст. Дар кишвар зиёда 367 санади қонунгузорӣ (ба истиснои санадҳои меъёрии зеркнунӣ) қабул карда шудааст, ки нақш ва мавқеи онҳо бахри таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ калон аст.

Масъалаи рушди қонунгузории давлатро дар замони истиқлолият ҳуқуқшиносони кишвар ба омилҳои гуногун вобаста медонанд. Ду омили наве, ки таи солҳои охир аз ҷониби олимони ватанӣ эътироф шудааст, вокеан ҳам қобили дастгирист. Яке аз онҳо таъсири ҷаҳонишавӣ ба инкишофи қонунгузории давлат, дигаре рушди қонунгузории кишвар дар заминаи қабули барнома, стратегия ва консепсия ба шумор меравад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли қонунгузории давлатҳои муосир дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ инкишоф меёбад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ қонунгузории миллӣ ба қоидаҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида мешавад. Дар ҳаёти ҳаррӯза ҷаҳонишавӣ ба инкишофи қонунгузории давлат таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Дар натиҷаи хусусияти умумиҷаҳонӣ пайдо намудани муносибатҳои сиёсӣ, иктисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қонунгузорӣ низ ташаккул меёбад. Солҳои охир дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои нави ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи кишвар ба вуҷуд омаданд, аз ҷумла ҳуқуқи сайёҳӣ, ҳуқуқи обӣ, ҳуқуқи тиббӣ ва ғ. Муносибатҳои нави ҷамъиятие, ки дар соҳаҳои нав ба вуҷуд омадаанд, тақозои қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мекунанд, ки ин қабули чунин санадҳо аллакай ба мо маълум аст.

Рушди қонунгузории давлат дар заминаи қабули барнома, стратегия ва консепсияҳо тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намоён аст. Аз ин сабаб, баъзе ҳуқуқшиносони кишвар ин масъаларо ҷонибдорӣ мекунанд. Барнома, стратегия ва консепсияҳо дурнамои қонунгузории кишвар махсуб ёфта, бахри инкишоф ва қабули санадҳои меъёрии нави ҳуқуқӣ замина фароҳам меорад. Вазъи ҳуқуқии барнома, стратегия ва консепсияҳо тавассути Қонуни ҶТ "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3 августи соли 2018 танзим мегардад.

**Яке аз омилҳои рушди қонунгузории давлат ин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ба шумор меравад, ки ин ақида низ аллакай ҷонибдорони худро пайдо намудааст.**

Дар натиҷаи анҷом додани ин амал метавон тағйиротҳои навро пайдо намуд, ки ин ба мукаммалнамоӣ ва мустаҳкамнамоии меъёрҳои қонунгузории давлат заминаи мусоидро фароҳам меорад.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти рушд ва тағйироти куллии муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунгузории мамлакат бо шароити нав мутобиқ гардонида мешавад, ки ин мутобиқнамоӣ барои ифода ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ имкониятҳои васеъро фароҳам меорад.

# АЗ ТАЪРИХИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА

Боиси ифтихору сарфарозӣ аст, ки миллати тоҷик дар давроии истиқлол бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд ба шарофати эҳтиром ва амалишавии меъёрҳои қонунгузории кишвар тавонист ҷомеае бунёд намояд, ки дар он фазои озоду осоиштагӣ ҳукмфармо, суботи сиёсиву ваҳдати миллӣ, пешрафти бемайлон ва пойдориву бардавомии имрӯзу ояндаи давлату миллат таъмин гардидааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки таъмини меъёрҳои амалишавии қонунгузорӣ басо кори мушкил ва пурмасъул буда, бахри эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа нақши калидӣ дорад.

Ба сифати яке аз мақомотҳои давлатӣ, ки барои таъмини ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис дода шудааст Прокуратураи ҶТ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, месазад, ки дар арафаи «Рӯзи кормандони мақомоти прокуратура», ки яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ буда, фаъолияти онҳо ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷиноятқорӣ равона гардидааст оид ба таърихи таъсиси мақомоти мазкур суханe чанд гуфта бошем.

Инсоният аз давраи аввалини мавҷудият, ба иҷроиши ин ё он амал фаъолият намуда, ҳар гурухе ва обшинае кушиш мекарданд, ки то дараҷаи шуурнокии ҷамъиятии худ кирдор ва рафтори худ ва дигаронро назорат намоянд. Яъне дар дилҳох давраи тараққиёти ҷамъият, муносибатҳои ҷамъиятӣ ба назорат эҳтиёҷ доштанд. Асоси пешравии ҷамъият низ маҳз назорати иҷрои сухан, рафтор, одат, ахлок, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва билохира ҳуқуқ ва қонун мебошад.

Аввалин маротиба прокуратура дар шакли ба ҳозира наздик соли 1302 дар Фаронса таъсис дода шуда буд, ки он бевосита манфиатҳои монархро ҳимоя мекард. Прокуратура чашми шоҳ ба ҳисоб рафта, шоҳ ба воситаи он амалӣ намудани фаъолияти тамоми рукнҳои давлатӣ ва шахсони мансабдорро назорат менамуд.

**Бо таъсисёбии собиқ ИҶШС дар соли 1922 бо қарори Кумитаи иҷроияи марказии умумироссиягӣ мақомоти прокуратураи давлатӣ дар ҳайати комиссариати халқии адлия таъсис дода шуд. Ноябри соли 1923 бошад, Прокуратураи Суди Олии Иттиҳоди Шуравӣ таъсис дода шуд, ки доираи салоҳиятҳояш васеътар карда шуданд. Моҳи июни 1933 бошад, Прокуратураи Суди Олии Иттиҳоди Шуравӣ низ барҳам шуд ва бо қарори Кумитаи иҷроияи марказӣ ва Шурои комиссариати халқии адлияи Иттиҳоди Шуравӣ мақомоти Прокуратураи Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун мақомоти мустақили давлатӣ таъсис дода шуд. Соли 1936 мақомоти прокуратура ба таври қатъӣ ва бебозгашт аз системаи мақомоти адлия ҷудо шуда, ба мақомоти ягонаи мутамаркозонидашуда табдил дода шуд.**

Таҳлили факту рақамҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки ҷамъияти инсонӣ новобаста аз шакл ва низоми давлатдорӣ ба мақомоте, ки иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳоро таъмин менамояд эҳтиёҷ дорад.

Бо сарфарозӣ ва шукргузорӣ аз сулҳу осоиштагӣ ва эъмори



Идибой БЕҲБУДЗОДА
магистри соли 1

давлати ҳуқуқбунёду демократӣ Конститутсияи ҶТ тариқи раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул гардида, дар заминаи он Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҶТ» қабул гардида муқаррар намуд, ки мақомоти прокуратураро мақоми марказонидашуда эътироф намуд ва дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави ҶТ назорат менамояд.

**Мавриди ба қайд аст, ки иди касбии кормандони мақомоти прокуратура ҳар сол 14 март ҷашн гирифта мешавад. Зеро дар санаи мазкур аввалин Прокурори генералии ҶТ таъйин гардидааст.**

**Бо самимият ва ифтихори ватандорӣ Рӯзи кормандони мақомоти прокуратураро ба куллии кормандони мақомоти мазкур шодбош гуфта, сиҳативу саодатмандӣ, рӯзгори ободу осуда ва дар фаъолияти пуршарафу пурмасъули онҳо барору комёбиҳоро бахри пешрафт ва гулгулшукуфоии кишвари маҳбубамон орзу менамоям.**

# ОГОҲ БУДАН ХУБ АСТ!



Аминҷон ШЕРОВ
донишҷӯи соли 2

Қаллобӣ, ки кирдори ғайриинсонӣ ба шумор меравад, баъзан мардумро ба гирдоби амалҳои хилофи қонун меандозад. Маблағи муфти бадастомада аз ҳисоби кирдорҳои зишт нафарони ҷиноятпешаро назди ҷомеа сархам намуда, доғи сиёҳеро рӯи дафтари ҳаёташон боқӣ хоҳад гузошт.

Инсон наметавонад дар ҳама вақт дарк намояд, ки дар назди ӯ қаллоб ё фиребгар истодааст. Ба ҷунин одамон бештар вожаи "маккор" хос аст, чунки онҳо зери ниқоби "бегуноҳӣ", "хайрхоҳӣ" ва "муфид будан" пинҳон шуда, ба мардум зарар меоваранд. Барои чунин ашхосро шинохтан бояд аввал донист, ки онҳо миёни мо вуҷуд доранд ва зери як қолаби муайяне фаъолият мекунанд.

**Нафарони қаллоб аз ҳуҷҷатнигорӣ метарсанд. Ҳангоми бо шахсе муомила намудан аз тартиб додани ҳуҷҷат ба мисли бастани шартнома даст мекашанд ва ё шарту шароитҳои иловагии гарон талаб мекананд. Дар чунин ҳолат имконияти дарки он мавҷуд аст, ки шахс фиребгар аст ё не. Ҳамчунин дар ҳолати муомила бо чунин шахсон ба ӯ таклифи ба назди адвокати шахсӣ ё мақомотҳои қудратӣ рафтанро намоем, ӯ аз ин ҳазар намуда розӣ намешавад. Чунки ба ҳеҷ ваҷҳ қаллобон намехоҳад аз пушти амали носазои худ изе гузоранд.**

Қаллобон шумораи ками мардуми сарватманд ва дар зиндагӣ муваффакро зери нишони худ қарор медиҳанд. Дар бештар маврид, шахсони муҳтоҷ ва зудбовар қурбонии онҳо мешаванд.

**Вазифаи қаллоб бо ҳар роҳ ба худ ҷалб ва моил намудани шахсон ва боварии онҳоро ба даст овардан аст. Баъд аз он бо усулҳои гуногуни фиреб қурбонии худро барои расидан ба мақсадҳои нопок омода месозад.**

Марҳилаи дагаре, ки қаллоб анҷом медиҳад, ин исбот намудани салоҳиятнокии худ аст. Ӯ қурбонии худро фиреб намуда дар коре, ки салоҳияту ваколат худро кордону корчалон мегирад.

Бовар кунонидан яке аз марҳилаҳои дигари фаъолияти қаллобон аст. Ин роҳ шакли маълуми фаъолияти бештари қаллобон аст, ки аз он истифодаи васеъ мебаранд ва шахсро дар доми худ меафтонанд.

ҲЕҶ АТРГУЛЕ РАНГ ВА ЗЕБОИИ МОДАРРО НАДОРАД.
Эрнест Ҳамингвей

# ҲУҚУҚ БА МУҲОКИМАИ ОДИЛОНА

Ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ ба гурӯҳи ҳуқуқҳои насли якуми ҳуқуқҳои инсон дохил гардида, зимнан бо ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дар алоқамандӣ қарор дорад. Баъзеи олимон ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судиро қисми таркибии ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ медонанд. Ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дар консепсияи ҳуқуқи инсон фавқулодда мавқеи бузург дорад, ки аз нимаи дуюми асри XX сар карда, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба сифати ҳуқуқҳои асосӣ мустаҳкам гардидааст.

Ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ бештар ба гурӯҳи ҳуқуқҳои мурофиавӣ рабт дорад. Ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ метавонад тавассути ҳуқуқи муроҷиат намудан ба суд амалӣ гардад. Ин ҳуқуқ ҳатто дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ба монанди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Билл оиди ҳуқуқи инсон, Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон, Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ва ҳоказо қайд гардидааст. Масалан, дар моддаи 6-и Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон омадааст: “Ҳар кас ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ дорад. Ба ҳар кас имконият дода мешавад, ки ҳуқуқҳои вайронгардидаи худро тавассути муҳокимаи судӣ ва оммавӣ барқарор намояд. Ҳар кас ҳуқуқ дорад, талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, беғараз, мустақил, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонун баррасӣ намояд”.

Дар илмҳои ҳуқуқии мурофиавӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ бо ҳуқуқ ба даъво (пешниҳоди даъво ва қонеъ намудани даъво) алоқаи ногусастанӣ дорад.

**Шартан се фаҳмиши ҳуқуқ ба даъво мавҷуд аст:**

**1. Фаҳмиши моддӣ-ҳуқуқӣ, ки тибқи он ҳуқуқ ба даъво ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ фаҳмида мешавад, ки қонеъгардонии он бо маҷбурияти давлатӣ таъмин карда шуда, ҳуқуқи шахсро ҷиҳати гирифтани санади судӣ дар бар мегирад.**

**2. Фаҳмиши мурофиавии ҳуқуқ ба даъво, ки ҳуқуқи шахсро ҷиҳати муроҷиат намудан ба суд барои ҳалли баҳсҳои моддӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ дар назар дорад.**

**3. Фаҳмиши комплексии ҳуқуқ ба даъво, ки аз ду таркиб: ҳуқуқ ба мурофиа (фаҳмиши мурофиавӣ) ва ҳуқуқ ба таъмини даъво (фаҳмиши моддӣ-ҳуқуқӣ) иборат аст. Ҷонибдорони фаҳмиши комплексии ҳуқуқ ба даъво кӯшиш намудаанд, то ки мафҳумеро пешниҳод намоянд, ки ҳам фаҳмиши моддӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам фаҳмиши мурофиавиро дошта бошад, ки ин ҳам ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ мебошад, ки ҳардуро дар бар мегирад. Ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ характери мурофиавӣ дорад. Конститутсияи ҶТ дар моддаи 19 ҳуқуқ ба ҳифзи судиро мустаҳкам намудааст. Аммо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судиро инъикос накардааст.**

Муҳокимаи одилонаи судӣ бояд ба қабули санадҳои одилона ва қонунии судӣ нигаронида шуда бошад, вагарна адолати судӣ моҳияти худро аз даст медиҳад. Аз ин рӯ, муҳокимаи одилонаи судӣ на танҳо дар риояи воқеии принсипҳои адолати судӣ,



Шоҳрух ЗАБИРОВ
донишҷӯи соли 3

ҳамчунин дар қабули санади одилона ва қонунии судӣ ифода меёбад.

Ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судиро аз ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ тафовут надорад, чунки агар ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ин имконияти ба даст овардани адолати судӣ бошад, пас ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ ба саволи “Адолати судӣ бояд чӣ тавр бошад?”, ҷавоб медиҳад.

# ШАРТНОМАИ ФРАНЧАЙЗИНГ



Муҳаммад НУРУЛЛОЗОДА
донишҷӯи соли 2

Яке аз шартномаҳое, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ ниҳоят маъмул аст, шартномаи франчайзинг ё худ шартномаи консессияи тиҷоратӣ маҳсуб меёбад. Шартномаи консессияи тиҷоратӣ ҳанӯз дар асри XIX дар мамлакатҳои сармоядорӣ бо номи шартномаи франшиза ё франчайзинг маълум буд. Тибқи ин шартнома фирмаи асосӣ ё пурқувват ба дигар фирмаҳое, ки истеҳсолот ё фаъолияташон суст гардида буд, барои хубтар шудани фаъолияташон баъзе ҳуқуқҳоро, аз ҷумла технологияи пешқадам, таҷрибаи роҳбарӣ ва ғайраҳоро медиҳад.

Шартномаи франчайзинг дар соҳаи тиҷорат ва соҳибкорӣ васеъ истифода бурда мешавад. Дар ҶТ таҷриба нишон медиҳад, ки бастани ин шартнома байни субъектҳои хоҷагидор кам ба назар мерасад. Кодекси граждании ҶТ ба ин шартнома боби махсус, яъне боби 49-ро ҷудо намудааст. Мафҳуми шартномаи консессияи тиҷоратӣ дар моддаи 959 ба ин тариқ дода шудааст: **Тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ як тараф (дорандаи ҳуқуқ) ухдадор мешавад, ки ба тарафи дигар (истифодабаранда) бо пардохти подошпулӣ барои мӯҳлати муайян ё бидуни зикри мӯҳлат барои фаъолияти тиҷоратии истифодабаранда маҷмӯи ҳуқуқҳои мустасноии барои истифода тааллуқдошта, аз ҷумла ҳуқуқи номи фирмавӣ, аломати тиҷоратии дорандаи ҳуқуқ, иттилоотии ҳифзшавандаи тиҷоратӣ, инчунин объектҳои ҳуқуқи мустасноии дар шартнома пешбинишуда – тамғаи мол, хизматрасонӣ ва ғайраро диҳад.**

Ба таври мухтасар таърифи додашудаи ин моддаи КГ (м.959)-ро дида мебароем. Дар шартнома гуфта шудааст, ки ба ҳайси тарафҳо – дорандаи ҳуқуқ ва истифодабарандаи ҳуқуқ баромад мекунад. Як чизро хотиррасон карданӣ ҳастем, ки хусусияти ин шартнома дар он аст, ки ба ҳайси ҳар ду тараф соҳибкорон ё ташкилоти соҳибкорӣ баромад мекунад. Аз сабаби оне ки шартнома хусусияти диспозитивӣ дорад, тарафҳо дар шартнома метавонанд мӯҳлати амали онро дарҷ намоянд ё шартномаро ба мӯҳлати номуайян банданд. Қобили зикр аст, ки ба ҳайси предмети шартномаи консессияи тиҷоратӣ маҷмӯи ҳуқуқҳои мустасноии барои истифода тааллуқдошта, аз ҷумла ҳуқуқи номи фирмавӣ, аломати тиҷоратии дорандаи ҳуқуқ, иттилоотӣ ҳифзшавандаи тиҷоратӣ (сирри тиҷоратӣ ё хизматӣ), инчунин объектҳои ҳуқуқи мустасноии дар шартнома пешбинишуда – тамғаи мол, хизматрасонӣ.

**Шояд саволе ба миён ояд, ки аломати тиҷоратии дорандаи ҳуқуқ чист? Оё ин мафҳум мавриди танзими ҳуқуқӣ-граждании қарор гирифтааст ё на?**

Боиси тазаккур аст, ки аломати тиҷоратӣ дар қонунгузории граждании ҶТ шарҳ дода нашудааст. Ғайр аз ин, аломати тиҷоратӣ аз тарафи ягон мақомоти давлатӣ ба қайд гирифта намешавад. Дар ҶТ ташкилотҳое, ки ғайри номи фирмавӣ боз аломати тиҷоратӣ доранд, мушоҳида карда намешавад.

Аломатҳои ҳуқуқии ин шартномаро консенсуалӣ, дутарафа, музднок будани он ташкил медиҳад. Ба ҳайси элементҳои шартномаи консессияи тиҷоратӣ: тарафҳо – дорандаи ҳуқуқ ва истифодабаранда; предмети шартнома - ҳуқуқҳои мустасноии дорандаи ҳуқуқ ташкил медиҳад. Шакли шартнома хаттӣ буда, бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

**Дар таҷриба 3 намуди шартномаи франчайзинг баста мешавад:**

**1. Франчайзинги тиҷоратӣ – тибқи он истифодабарандаи ҳуқуқ аз номи дорандаи ҳуқуқ моли ӯро мефурӯшад ва таҷрибаи пешқадамашро дар соҳаи тиҷорат истифода мебарад.**

**2. Франчайзинги истеҳсолӣ – тибқи он як ташкилот аз дигар ташкилот ҳуқуқҳои истеҳсол ва фурӯши молро мегардад. Ҳамчунин, ба субъект сирри истеҳсоли мол, таҷрибаи пешқадам, ҳуқуқи истифодаи номи фирмавӣ ва аломати мол дода мешавад.**

**3. Франчайзинги хизматрасонӣ – ин навъ дар дар соҳаи хизматрасонӣ, хӯроки омма, таълим ва ғ. татбиқ мешавад.**

Агар мо шартномаи франчайзингро бо дигар шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ муқоиса намоем, пас якчанд хусусиятҳои фарққунанда ва ҳаммонанди онҳоро дарк карда метавонем. Пеш аз ҳама, шартномаи консессияи тиҷоратӣ бо шарномаи иҷора монандӣ дорад, зеро дар ҳар ду шартнома тарафи дигар объектеро барои истифода мегирад, вале дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ объект ҳуқуқҳои истисноии дорандаи ҳуқуқ бошад, дар шартномаи иҷора объект – молу мулки муайян аст. Шартномаи консессияи тиҷоратӣ бо шартномаи комиссия низ монандӣ дорад. Дар шартномаи комиссия комиссионер аз номи худ, вале аз ҳисоби тарафи дигар амал мекунад. Дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ бошад, истифодабаранда аз ҳисоби худ амал карда, барои истифодаи ҳуқуқҳои додашуда ба дорандаи ҳуқуқ маблағи муайян мепардозад. Инчунин, метавон фарқият ва монандии шартномаи консессияи тиҷоратиро аз шартномаҳои идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулк, шартномаи фаъолияти якҷоя, шартномаи литсензионӣ, пудрат барои иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва тенологӣ номбар кард. Як ҷабҳаи ин масъаларо мехоҳам пешкаши хонанда намоям, ки дар таҷриба байни шартномаҳои консессияи тиҷоратӣ ва шартномаи муаллифӣ бештар вақт байни олимон баҳс ба вуҷуд меояд. Байни ин ду шартнома қаробат вуҷуд дорад, чунки дар ҳар ду шартнома ба тарафи дигар ҳуқуқҳои мустасноӣ дода мешавад.

# ЗАХИРАҲОИ ТАБИИ ТОҶИКИСТОН



Шукрона ХОЛОВА
донишҷӯи соли 3

Тоҷикистонро захираи табиие, ки дар арсаи сайёра муаррифгар аст, об мебошад. Об неъмати бебаҳо ва шарти ҳастии тамоми мавҷудоти олам буда, бешак онро муъҷизаи табиат номидан равост.

Тибқи маълумоти оморӣ кишвари мо аз ҷиҳати захираҳои гидроэнергетикӣ дар ИДМ мақоми дуюм ва дар миқёси ҷаҳон бошад, мавқеи ҳаштумро ишғол мекунад. Ҳар сол дар Тоҷикистон 64 млрд. метри кубӣ об ташаккул меёбад, ки ин тақрибан 60%-и ҳаҷми оби дарёҳои минтақаро ташкил медиҳад. Сарчашмаи ин оби фаровон яху пиряххо, кӯлҳо, дарёву обанборҳо, чашмасорону шаршараҳо ва обҳои зеризаминӣ мебошанд. Воқеан, захираҳои оби мамлакатамон чунон бузург ва ба истифода мувофиқанд, ки онҳоро метавон бе ягон шубҳа бойигарии худододу нодири миллӣ гуфт.

Мавқеи географӣ ва вазъи иқлимӣ имконият додааст, ки дар Тоҷикистон пиряхҳои бузург ташаккул ёбанд. Нисбати кишварҳои ҳамҷавор захираи ях дар Тоҷикистон хеле бештар аст. Масалан, дар Туркманистон умуман пирях вуҷуд надорад, дар Қирғизистон сатҳи яхпӯшӣ қариб мисли Тоҷикистон аст, аммо оби бузургтарин пиряхҳои он ба самти Чин меравад. Дар Қазоқистон пиряхҳо нисбат ба кишвари мо тақрибан 10 маротиба камтар аст. Миқдори ҳамаи пиряхҳои Эрон камтар аз як км. кубӣ мебошад. Дар Афғонистон захираи мазкур 250 км. кубӣ, дар Покистон 300 км. кубиро ташкил медиҳад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки захираҳои обӣ ва энергетикии Тоҷикистон дар рушди иқтисодии кишвар нақши калидӣ дошта, он аҳамиятеро доранд, ки нафт ба мамлакатҳои арабиву газ ба Туркманистон.

Дар таърихи 29 ноябри соли 2000 Кодекси оби ҶТ қабул карда шудааст. Дар моддаи 119 КО ҶТ вазифаҳои ҳифзи об чунин муқаррар шудааст: «Тамоми об (объектҳои об) аз ифлосшавӣ ва камшавӣ, ки метавонанд ба саломатии аҳолӣ зарар расонда, дар натиҷаи тағйир ёфтани хусусиятҳои физикӣ, кимиёвӣ, биологӣ паст шудани қобилияти худтозашавии табиӣ боиси вайрон гардидани низоми гидрологӣ ва гидрогеологӣ, камшавии захираҳои моҳӣ, бад шудани обтаъмиркунӣ ва дигар зуҳуроти номатлуб гарданд, бояд ҳифз карда шаванд».

Ҳамин тавр, Тоҷикистони биҳиштосои мо соҳиби захираи бузурги обӣ мебошад, ки сарфа кардану покиза нигоҳ доштани об ва эҳтиёт намудани сарчашмаҳои он пеши ҳар як шахс масъулияти бузургеро вогузор мекунад.

ҚАЛБИ МОДАР БА АНДОЗАЕ ГУСТАРДА ВА ФАРОХ АСТ, КИ ҲАМЕША МЕТАВОНЕД БАХШИШ ВА ГУЗАШТРО ДАР ОН ЁБЕД.

Ҳоноре Ди Балзак

# МОДАР

Модари хушназарам, ҳар назарам ҳадяи туст,
Асаре дорам агар, он асарам ҳадяи туст.
Дар фазои абадият пайи парвози баланд,
Модари муштипарам, болу парам ҳадяи туст.
Хоксории ту он қадр маро кард баланд,
Ки ҳама қудрати кайҳонгузарам ҳадяи туст.
Дар раҳи ман ҳама дам дидаи тар доштаӣ,
Ки аз он дидаи тар шеъри тарам ҳадяи туст.
Ақли ту кӯтаҳ агар гуфт касе, кӯтаҳӣ кард,
Чун такопӯи раҳи дуртарам ҳадяи туст.
Аҷаб ин аст, ки занро ҳама хонанд заиф,
Бо заифит ҳама карру фарам ҳадяи туст.
Пошикаста ҳама гӯянд зану модарро,
Ман гувоҳам, ки зи по то ба сарам ҳадяи туст.
Офаридӣ ту маро, то зи ҷаҳон баҳра барам,
Баҳра бурдан зи ҳама баҳру барам ҳадяи туст.
Ман ба ҷои туям, эй модари барҷомонда,
Дидаи равшани фардонигарам ҳадяи туст.

ЛОИҚ




# МОДАРИ МАН

Чун булбули хушнаво бувад модари ман,
Офтобаки хушсафо бувад модари ман.
Хобам бубарад кош сари зонуяш,
Ғампарвару ғамдаво бувад модари ман.
****
Ман булбуламу туи гулистон модар.
Дар тирашабон шамъи фурӯзон модар.
Бе амри ризои ту ба ҷое наравам.
Ту ақлу сару чашму дилу ҷон модар.
****
Модар, модар ба ҷон баробар модар,
Ҳам лаъли бадахшу ганҷи тобон модар.
Дурам зи барат кош бигирам хабарат,
Баҳрам ту фариштаи намоён модар.

Муҳаммад РИЗОЕВ
донишҷӯи соли 4

# МОДАР – ҲАСТИИ БАШАР

МОДАР – меҳрубонтарин шахс, ки Офаридгор барои мо ҳадя намудааст. Инсон аз он рӯзе, ки ба дунё меояд то ба охири умр ба меҳрубониву навозиши ширини модар ниёзи беандоза дорад. Зан-модар фариштаи рӯи замин мебошад. Чунки бо ҳастӣ ва мавҷудияти ӯ дунёи мо гулистон ва қалбҳо ботамкин мешавад. Воқеан, модарон ба ҳама ганҷи ҷаҳон меарзанд. Чунки модар – ҳастии башар аст.

**Модар – тарбиятгар**
**Модар – омӯзгор**
**Модар – дилсӯз**
**Модар – меҳрубон**
**Модар – роҳнамо**
**Модар – олиҳаи зебоӣ**
**Модар – осудагии мо**
**Модар –хотири ҷамъ**
**Модар – дили беғам**
**Модар – сарҷамъии хонадон мебошад.**

Модар қиматтарин неъмати рӯи дунё, сарчашмаи муҳаббати беканор, чашмаи мусаффо ва махзани ганҷи фарзанд, ҳимматбаландтарин шахси башарият аст. Маҳз меҳри бепоён ва навозиши гарми модар моро ба оламу одам ошно сохтааст. Заҳмати шабонарӯзӣ, бедорхобӣ пурбардории ӯ танҳо ба худаш хос буда, касро ба ҳайрат меорад. Мо канори модар бо олами рангини кӯдакӣ ба воя мерасему аз ӯ дарси одамгарию ватандӯстиро меомӯзем. Канори модар худ биҳишти аввалини ҳаёти мост.

Аз ин рӯ, бузургон дар васфи модар суханони бисёр арзишманд гуфтаанд:

Офарандаи бахти аҳли башар, файзбахши меҳру вафо – Зан-Модар аст.

**Эмомалӣ Раҳмон**

Зан маркази меҳр, намояндаи ишқ, намоёнгари покӣ, намунаи муҳаббат ва дӯстӣ ва чашмаи бахшиш аст.

**Иқболи Лоҳурӣ**

Мо умре дорем санохони он занем, ки номаш Модар аст.

**Мусо Ҷалил**

Ҳама зебогии инсон аз нури Офтоб ва шири Модар аст.

**Максим Горкий**





**Ҷаманорои ИЛҲОМ**
**донишҷӯи соли 4**

Дастоне, ки гаҳвора меҷунбонанд, оламро идора мекунанд.

**Уилям Росс Уоллес**

То замоне, ки модар доред, шумо ҳамоно кӯдакед.

**С.Ҷейет**

Модарон арзандаи ҳама гуна эҳтирому дӯстдоранд. Зеро, меҳрубонтарин инсонҳои рӯи оламанд ва дар ҳама ҳолат дастгиранду дилсӯзу бахшандаанд. Навозишҳои дастони модар ва оғӯши гармаш беҳтарин неъмат барои фарзанд аст.

**Модари ҷон хоки поят мешавам,**
**Чун бароят ҷонфидоят мешавам.**
**Ин дили ман зор-зори ту бувад,**
**Чун ки то ҳастам, фидоят мешавам.**

ПОКТАРИН НИГОҲИ МЕҲРОМЕЗРО ДАР ЧАШМОНИ ПАДАРУ МОДАРИ ХЕШ ҶУСТУҶӮ КУН.
Уруди Бузург